innovATE
Innovation for Agricultural Training and Education

USAID
FROM THE AMERICAN PEOPLE



# Татқиқоти InnovATE :
# Низоми маълумоти кишоварзӣ ва омодасозии мутахассисон дар Тоҷикистон

Кристал Джонс (Пенн Стейт)
Курт Рихтер (Вирҷина Тек)
Наргиза Лудгейт (Донишгоҳи Флорида)

6 Майи соли 2015

Маблағгузори Лоиҳа: USAID/BFS/ARP
Рақами барнома: AID-OAA-L-12-00002

VirginiaTech Invent the Future
PENNSTATE 1855
TUSKEGEE UNIVERSITY
UF UNIVERSITY of FLORIDA The Foundation for The Gator Nation

## Муқаддима

Ҳисоботи мазкур аз ҷониби InnovATE Scoping Team бо сарварии Кристал Джонс (Пенн Стейт), Наргиза Ладгейт (Донишгоҳи Флорида) ва Курт Рихтер (Вирҷина Тек) дар ҳамкори бо Карен Дука (USAID/BFS) омода гардидааст.

Гурӯҳи корӣ ба доктори илмҳои кишоварзӣ, Профессори соҳаи боғпарварӣ Гулов Саидали Маъмурович ва Хуршед Холбоев - омӯзгори кафедраи забони англисии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон барои иштирок ва дастгириашон дар гузаронидани ин татқиқот изҳори сипос ва миннатдорӣ менамояд. Ҳамчунин мо мехостем миннатдории худро ба Вазорати Маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дастгирӣ ва рағбаташон нисбати татқиқот расонем. Ҳамзамон аз кормандони шӯъба оид ба рушди иқтисодии USAID/Тоҷикистон Стив Уэлкер (сармутахассис оид ба амнияти озуқаворӣ), Авива Кутник (мутахассиси рушди кишоварзӣ) ва Муҳиддин Нурматов (мутахассис оид ба идораи лоиҳаҳо) барои дастгириашон дар давоми ташрифамон баён намоем.

Аз садҳо нафар ашхосе, ки бо онҳо вохӯри намудем ва фикру андешаҳояшонро шунидем, миннатпазирем.

Лоиҳаи InnovATE бо дастгирии Оҷонсии ИМА оид ба рушди байналмилалӣ (USAID) ва дастгирии олиҳимматонаи мардуми Амрико ба воситаи USAID тибқи шартнома оид ба ҳамкорӣ таҳти рақами № AID-OAA-L-12-00002, имконпазир гардид. Барои пайдо намудани маълумоти бештар оид ба лоиҳаи InnovATE ва дигар маводи нашршуда ба сомонаи мо дар http://www.oired.vt./InnovATE ташриф оред ва ё ба муҳокимаи мо дар Ҷомеаи Таҷриба дар www.InnovATE-community oired.vt.edu. ҳамроҳ шавед. Бо мо ба василаи InnovATEprogram@vt.edu ё бо телефони +1-540-231-6338 дар тамос шавед.

## Раддия

Ақидаҳои муаллифон, ки дар ҳисоботи мазкур баён гардидаанд, нуқтаи назари Оҷонсии ИМА оид ба рушди байналмилалӣ (USAID) ва ё Ҳукумати Иёлоти Муттаҳидаро инъикос наменамояд.

## Мундарича

Шарҳи мухтасар ........................................................................................................ 1

1. Муқаддима ............................................................................................................... 4

2. Системаи маълумоти кишоварзӣ ва омодасозии мутахассисон дар Тоҷикистон...... 7

3. Мутаҳаррикҳои дигаргуни дар талабот ва таъминоти бозори меҳнати кишоварзӣи Тоҷикистон ........................................................................................................ 11

3.1 Таъсири ислоҳоти кишоварзӣ ............................................................................ 11

3.2 Таъминот ва талабот дар бозори меҳнати кишоварзӣ ......................................... 12

3.3. Норасоии дониш ва талаботи бахши кишоварзӣи Тоҷикистон ......................... 14

4. Иқтидор, мушкилот ва имкониятҳо дар Системаи маълумоти кишоварзӣ ва омодасозии мутахассисон дар Тоҷикистон ................................................................ 17

4.1 Иқтидори Системаи МКО .................................................................................. 17

4.2 Мушкилот дар Системаи МКО ........................................................................... 19

4.3 Имкониятҳои Системаи МКО ............................................................................. 21

5. Таҷрибаҳои хуби рушди Системаи МКО дар Тоҷикистон ..................................... 23

6. Тавсияҳо ................................................................................................................ 26

6.1 Маркази рушди касбӣ кишоварзӣ дар назди ДАТ ............................................ 27

6.2 Дигар сенарияҳо барои сармоягузории Системаи МКО..................................... 28

7. Хулоса .................................................................................................................... 29

Феҳристи адабиёт ....................................................................................................... 31

Замимаи 1: Ҷадвали сафарҳо то маҳали воқеи ........................................................... 32

Замимаи 2: Сармоягузории донорҳо вобаста ба Системаи МКО............................... 33

## Шарҳи мухтасар

Мақсади асосии ҳисоботи мазкур ин тавзеҳи иқтидори кунунии системаи маълумоти кишоварзӣ ва омодасозии мутахассисон дар Тоҷикистон мебошад, ва ҳамчунин муайян намудани омилҳои таъғйирдиҳандаи омодасози ва талабот ба ин мутахассисон дар бахши аграрӣ ва муайянсозии сармоягузориҳои стратегие, ки тавонанд дар рушд ва мустаҳкам намудани захираҳои инсонӣ ва институтсионалии системаи маълумот ва омодасозии мутахассисон дар кишвар мусоидат намояд. Аҳолии Тоҷикистон нисбатан деҳотӣ буда, соҳаи кишоварзӣ ягона бахши калони меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар мамлакат ба шумор меравад. Дар ду даҳсолаи охир нишондиҳандаҳои иқтисодӣ ва таъсири кишоварзӣ ба иқтисодиёт паст гардидааст, аммо кишоварзӣ то ҳол ба рушди мӯътадили  иқтисодиёти Тоҷикистон мусоидат менамояд. Азнавсозии иқтисодии пасошӯрави ва инчунин ислоҳоти замин сохтори истеҳсолоти кишоварзиро аз хоҷагиҳои калон ба хоҷагиҳои хурди серсоҳа табдил дод. Тӯли 15 соли охир талошҳое ба сомон расонида шуданд, то бозори заминро либерализатсия кунонанд, инфрасохтори обёриро таъмир ва тавсеа диҳанд, ҳамчунин имкониятҳои диверсификатсия ва дастгирии рушди иқтисодӣ дар соҳаи аграриро муайян намоянд. Якчанд занҷираҳои  истеҳсолоти кишоварзӣ, истеҳсол, коркард ва фурӯши мева ва сабзавоти тару тоза ва дарозмавсимӣ ҳамчун иқтидор барои савдои дохилӣ ва ҳам барои рушди содирот муайян карда шуда буданд. Вобаста ба ин зарур аст, ки талабот ба тахассуси мутобиқи мутахассисон ва норасои дар омодасозии ин мутахассисони корманд ва дастгирии истеҳсолкунандагони хурди деҳқон дар Тоҷикистон тавсиф дода шавад ва ҳамзамон сармоягузорӣ дар Системаи маълумоти кишоварзӣ ва омодасозии мутахассисон, ки метавонад ба ҳалли ин норасоиҳо ва таҳкими қувваи кории кишоварзӣ дар тамоми ҳалқаи истеҳсолот мусоидат намояд, муайян карда шавад.

Ҳадафҳои татқиқоти мазкур инҳоянд:

- Тавсифи имкониятҳои кунунии Системаи маълумоти кишоварзӣ ва омодасозии мутахассисон (минбаъд «Системаи МКО») дар Тоҷикистон;
- Таҳлили норасоии дониш дар омодасозии мутахассисон дар муқоиса ба сифати кунунии дониши хатмкунандагон, ва талаботи кунунӣ ва пешгӯишаванда ба қувваи корӣ дар бахши аграрӣ.
- Коркарди маслиҳат ва тавсияҳои амалӣ доир ба рушди Системаи МКО дар Тоҷикистон.

Хулосаҳои асосии татқиқот нишон медиҳанд, ки:

- Системаи мазкур аз дараҷаи баланди захираи инсонӣ иборат аст. Донишҳо кӯҳна шудаанд, аммо дар байни мутахассисон шавқи таҷдиди ин донишҳо ва

тадриси малакаҳо мавҷуд аст, бар замми он, ки пойгоҳи модди-техникии Системаи МКО ниҳоят заиф гаштааст.

- Насли имрӯзаи донишҷӯён дар Системаи МКО дорои омодагии кофии касби нест ва корфармоён бошанд донишҳои гуногун ва ҳамчунин омодагии техники дар ҳалли масоили мавҷударо тақозо менамоянд. Таълими хатмкунандагон самти маҳдуди техникиро дар бар мегирад ва таваҷҷӯҳи махсус ба ихтисоси маҳдуд имкониятҳои хатмкунандагонро барои дарёфти кор дар системаи гуногуни кишоварзӣ ва бозоргони, ки дар Тоҷикистон тараққи хоҳад кард, маҳдуд менамояд.
- Донорҳои байналмилали ба рушди иқтидори инсони барои системаи аграрии Тоҷикистон таваҷҷӯҳи беандоза менамоянд ва ҳамчунин дастгирии бузурги молиявиро барои ислоҳоти маълумот ва навкунии инфрасохтори Системаи МКО баҳо медиҳанд.

## Ихтисорот

| | |
|---|---|
| АИКТ | Академия илмҳои кишоварзӣи Тоҷикистон |
| Бохтар | Колледжи кишоварзӣи ноҳияи Бохтар |
| ДАТ | Донишгоҳи  Аграрии Тоҷикистон |
| ДД | Донишгоҳи Давлатии Данғара |
| ДДҚ | Донишгоҳи Давлатии Қургонтеппа |
| ДПДТТ | Донишкадаи Политехникии Донишгоҳи Техникии Тоҷикистон |
| ДТТ | Донишгоҳи Технологии Тоҷикистон |
| ИШИ | Иқтидори Шахси ва Институсионали |
| МАББМ | Маркази Аграрии Баланд Бардоштани Мартаба |
| Мастчох | Коллеҷи Кишоварзӣи ноҳияи Мастчоҳ |
| МК | Мактаби касбӣ |
| ММД | Маҷмӯи маҳсулоти дохили |
| МУД | Маҳсулоти Умумии Дохила |
| Системаи МКО | Системаи маълумоти кишоварзӣ ва омӯзиши мутахассисон |
| ОТККТ | Омӯзиш ва Тайёрии Касбии Кишоварзӣ дар Тоҷикистон |
| ТО | Таҳсилоти оли |
| ҲК | Ҳукумати Тоҷикистон |
| ЮСАИД | Агентии ИМА оид ба тараққиёти байналмиллалӣ |
| HICD | Ғояи рушди захираи инсони ва институтсионали |

## 1. Муқаддима

Баъд аз барҳам хӯрдани собиқ Иттиҳоди Шӯрави, аз замони ба даст овардани истиқлолият хоҷагии қишлоқ дар Тоҷикистон якчанд давраҳои асосиро аз сар гузаронд. Аксарияти аҳолии Тоҷикистон деҳотианд ва кишоварзӣ то ҳол ягона бахши бузурги бо кор таъминкунии аҳоли дар кишвар боқи мемонад. Бо вуҷуди ин дар давоми ду даҳсолаи охир нишондиҳандаҳои иқтисоди ва таъсири кишоварзӣ ба иқтисод паст гардидаанд. Азнавсозии пасошӯравии иқтисод ва ҳамчунин ислоҳоти замин сохтори истеҳсоли кишоварзӣи пахта ва гандумро аз хоҷагиҳои хеле калон ба хоҷагиҳои хурди гуногунсоҳа табдил дод. Дар кишвар имкониятҳои навкуни ва таҳкими бахши аграри мавҷуд аст, аммо ин рафъи мушкилоти вобаста ба масоили экологиву ташкили ва ҳамчунин масоили сифати маълумот ва омодасозии мутахассисонро тақозо менамояд. Системаи расмии маълумоти кишоварзӣ ва омодасозии мутахассисон метавонад дар навкунии кишоварзӣ дар Тоҷикистон лаҳзаи калиди бошад, агар он ба рушди иқтидори лозима, ки ба талаботи афзуншаванда ба мутахассисони баландихтисоси кишоварзӣ беҳтар ҷавоб хоҳад дод, мусоидат карда тавонад.

USAID/Тоҷикистон аз лоиҳаи InnovATE (Лоиҳа доир ба Ғояҳои инноватсиони барои рушди маълумоти кишоварзӣ ва омодасозии мутахассисон) хоҳиш намуд татқиқоти Системаи МКО-ро барои коркарди тафаккури махсусу муҳим ва рушди иқтидори такмили системаи маълумот дар Тоҷикистон гузаронад, ки метавонад талаботи кунуни ваояндаи кишоварзӣи кишварро қонеъ гардонад. Лоиҳаи InnovATE аз ҷониби USAID/Вашингтон барои дастгирии ташаббусҳо барои рушди иқтидори системаи маълумот ва таълими кишоварзӣ дар тамоми сатҳҳо, сар карда аз мактабҳои ибтидои то ба мактабҳои миёна ва ҳамчунин барномаҳои ҷавони, омӯзишгоҳҳои касби-техники, коллеҷҳо ва донишгоҳҳо маблағгузори мегардад. Лоиҳаи InnovATE аз ҷониби иттиҳоди донишгоҳҳои ИМА бо сарварии Донишгоҳи Политехники ва Донишгоҳи Давлатии Вирҷиния, аз он ҷумла Донишгоҳи Иёлоии Пенсилвания, Донишгоҳи Таскиги ва Донишгоҳи Флорида, ки кушишҳои худро барои таҳкими муассисаҳои таълимие, ки мутахассисони кишоварзӣ омода менамоянд, амали мегардад.

Масоҳати умумии заминҳои корами Точикистон тахминан сеяки кишварро ташкил медиҳад, аммо ин масоҳат ҳамчунин заминҳои ҷангали доими ва чарогоҳҳоро дар бар мегирад. Заминҳои киштшавандаи зироатҳои саҳрои 6%-и масоҳати умумии кишварро ташкил мекунад, ки аксари ин заминҳо дар давоми 25 соли охир шудгор нагардидаанд. Қисми заминҳои корами кишоварзӣ ва қитъаҳои кишт дар даҳ соли охир аз ҳисоби таъмир ва тавсеаи инфрасохтори обёри каме афзун гаштанд. Бо вуҷуди ин Бонки Умумиҷаҳони (с.2014) баҳогузори менамояд, ки айни ҳол бинобар инфрасохтори нохуби обёри танҳо аз се ду ҳиссаи заминҳои

корами кишт истифода бурда мешавад, ва қисмати боқимонда боз ба пастравии сифати заминҳои корами кишвар меравад. Бинобар зарурияти обёри ва навкунии нисбатан сусти инфрасохтори обёри самараноки ва натиҷаи иқтисодии кишоварзӣ дар даҳ соли охир поин рафтааст. Бо вуҷуди ин, кишоварзӣ дар суботи рушди иқтисодии Тоҷикистон мусоидат менамояд, ки тахминан 20%-и маҷмӯи маҳсулоти дохилии солонаро (ММД) ташкил медиҳад ва 45-66%-и бозори меҳнатро дастгири менамояд. (Бонки Умумиҷаҳони, с.2014; Бонки Авруосиёии Рушд, 2013). Тӯли 15 соли охир талошҳое ба сомон расонида шуданд, то бозори заминро либерализатсия кунонанд, инфрасохтори обёриро таъмир ва тавсеа диҳанд, ҳамчунин имкониятҳои диверсификатсия ва рушди иқтисодии соҳаи аграриро муайян намоянд. Якчанд ҳалқаҳои истеҳсолоти кишоварзӣи истеҳсол, коркард ва фурӯши мева ва сабзавоти тару тоза ва дарозмавсими ҳамчун иқтидор ҳам барои тавсеаи савдои дохили ва ҳам барои рушди содирот муайян карда шуда буданд. (Feed the Future, 2012).

Дар Тоҷикистон интиқоли маблағҳои пулии муҳоҷирони меҳнати дар боло бурдани ММД ва даромади аҳоли нақши муҳим дорад ва ҳамчун яке аз омилҳои муҳими рушди талаботи дохили ба маҳсулоти баландсифати растанипарвари ва чорводори, ки тавсеа меёбад, боқи мемонад. Дар сатҳи байналмилали рушди иқтисодии Россия ва рағбати доими ба интегратсияи иқтисодии кишварҳо ба воситаи Иттиҳоди гумруки метавонад барои Тоҷикистон имкониятҳои тавсеаи ҳаҷми содироти маҳсулоти кишоварзӣро фароҳам орад, агар кишвар маҳсулоти калидии талаботро муайян карда тавонад. Бонки Умумиҷаҳони (с.2014) муайян намуд, ки меваҳои донакдор дар шакли тару тоза ва хушк ва ҳамчунин пиёз дар шакли тару тоза ва хушк маҳсулот ва ҳалқаҳои истеҳсолиеанд, ки содироташон метавонад ба Россия ва Туркия афзун карда шавад. Татқиқоти гузаронидаи барномаи Feed the Future (2012) ҳамчунин помидор, бодиринг, картошкаи барвақти ва карамро ҳамчун иқтидори баланди содирот муайян намуд.

Ин ва дигар зироатҳои сабзавотиро барои расидан ба нархҳои баландтари маҳсулоти мавсими дар дохили кишвар ва дар тамоми минтақа метавон ба осони дар гармхонаҳои кушода ва пӯшида парвариш намуд. Ҳалқаҳои истеҳсолотро метавон иловатан васеъ намуд, агар коркарди афшӯра ва шароб барои истеҳсоли маҳсулоти нисбатан баландсифат аз меваҳо ба роҳ монда шавад (Шталовна, 2013). Бо вуҷуди ин, таназзули иқтисодии қарибулвуқӯи Россия талабот ба маҳсулоти тоҷикиро зуд кам намуд. Мушкилоти иловагии истиқрор ва тавсеаи бозорҳои байналмилалии содиротии Тоҷикистон метавонад соддагардонии савдои байни Тоҷикистон ва шарикони мушаххаси байналмилали бошад. Масалан содироти маҳсулоти хӯрока мушкил мегардад, агар кишварҳое чун Россия талаботҳои байналмилали доир ба бехатарии маҳсулоти хӯрокаро қабул намояд ва тарофаҳои минтақавии савдоро, ки ба савдои кишварҳои ба блоки интегратсияи иқтисод воридшаванда мусоидат

мекунад, мувофиқа намояд (Кулибали, 2012). Ин имкониятҳои нав барои баланд бардоштани арзиши иловашудаи маҳсулот бо роҳи рушди ҳалқаҳои истеҳсолот ва масоили вобаста ба онҳо ифода менамоянд, ки сифати дониш ва тахассуси мутахассисонро дар бозори меҳнат, ки барои тақвияти инкишоф ва рушди кишоварзӣ зарур мешаванд, муайян намудан лозим аст.

Илова бар он, ки содирот ва воридоти маҳсулоти кишоварзӣ ба ММД таъсир мерасонад, бахши аграри 45-66%-и аҳолиро дар Тоҷикистон бо кор таъмин менамояд. Бо кор таъминкуни дар бахши расмии кишоварзӣ кор дар хоҷагиҳои инфиродӣ ва хоҷагиҳои коллективи, кори кироя (дар навбати аввал дар майдонҳои пахтазор), кор дар соҳаҳои интиқол ва коркард ва тавсеаи хизматрасониро (дар бахшҳои хусуси ва ҷамъияти) дар бар мегирад. Имкониятҳои бо кор таъминкуни дар ҳалқаҳои истеҳсолии кишоварзӣи рушдёфтаистода дониш ва таҷрибаи навро тақозо менамояд, ки таърихан дар системаи маълумот ва омӯзиши мутахассисони кишоварзӣи кишвар бинобар сегментатсия ва самти маҳдуди ихтисосҳои системаи маълумоти шӯрави таълим дода нашудаанд. Бар замми ин, донише, ки дар гузашта дар коллеҷу донишгоҳи кишоварзӣ омӯзонида мешуд, ба хоҷагиҳои калони хоси давраи шӯрави дар назар дошта шуда буданд. Дар натиҷаи даҳ соли охири ислоҳоти кишоварзӣ, хоҷагии қишлоқ имрӯз дар Тоҷикистон симои дигар дорад. Ҳамаи кормандон дар занҷирҳои истеҳсолоти кишоварзӣ сар карда аз хоҷагидорон то ба коргарони хоҷаги, ҳамчунин дилерҳои коркард, маркетинг ва содирот зарурати таҷдиди дониш ва ҷори намудани усулҳои нави таълимро тақозо менамоянд. Системаи МКО бояд мутобиқ карда шавад ва шароити нави кишоварзӣ дар Тоҷикистонро инъикос намояд.

Ҳисоботи мазкур аввалан тавсифи муассисаҳои таълими ва сохтори Системаи МКО дар Тоҷикистонро пешниҳод менамояд, ҳамчунин гуногуни ва шаффофияти саволҳои баробари дар мавқеи ҷуғрофи, мақоми гендери ва иҷтимои-иқтисодии хонандагонро муайян менамояд. Сониян ҳисобот омилҳои калидиеро муайян менамояд, ки ба тағйирот дар бахши кишоварзӣи Тоҷикистон мебаранд ва норасоиҳо дар дониш ва малака дар ҳалқаҳои нави истеҳсолоти кишоварзӣ қайд мегарданд. Баъдан мо таҳлили мушкилоти кунуни ва имконот дар Системаи МКО-ро, ки мо дар асоси мусоҳибаи гузаронидаи тими лоиҳа дар моҳи феврали соли 2015 ба даст овардем, пешниҳод менамоем (дар Замимаи 1 рӯйхати пурраи мактабҳои оли ва муассисаҳоеро мебинед, ки гурӯҳ ташриф бурдааст). Дар асоси ин таҳлил, ин ҳисобот, сипас таҷрибаҳои хуберо доир ба рушди системаи маълумоти кишоварзӣ ва омодасози пешниҳод менамояд, ки метавонад ба Системаи кунунии МКО Тоҷикистон алоқаманд бошад. Дар охири ҳисобот мо ба он соҳаҳое пешниҳодҳо манзур менамоем, ки метавон барои тақвият ва афзун кардани иқтидор дар Системаи МКО ба онҳо сармоягузори татбиқ карда шавад.

## 2. Системаи маълумоти кишоварзӣ ва омодасозии мутахассисон дар Тоҷикистон

Дар Тоҷикистон ҳафт мактаби олӣ амал мекунад, ки ҳадди ақал як ихтисоси кишоварзӣ дар зинаи бакалавр омода месозад.  Бар замми ин, ду коллеҷи касбӣ мавҷуд аст, ки маълумоти кишоварзиро дар зинаи миёнаи – техникӣ пешниҳод менамоянд. АИКТ институти илмӣ-татқиқотии давлатист, ки корҳои илмиро барои кишоварзӣ амалӣ менамояд ва барномаи таълимӣ барои омодасозии донишҷӯён-магистронро дорост. Ҷадвали 1 рӯйхати муассисаҳои таълимии дорои ихтисосҳои кишоварзӣ ва шумораи донишҷӯёнро пешниҳод менамоянд (ҳаммаънои ихтисосҳо дар системаи амрикоӣ). Ин шумора ҳам донишҷӯёни таҳсили рӯзона ва ҳам донишҷӯёни ғоибонаро дар бар мегирад. Аз рӯи баҳогузориҳои мо, айни ҳол дар маҷмӯъ тахминан 10, 000 донишҷӯ дар коллеҷҳои кишоварзӣ (дараҷаи миёнаи техникӣ) ва донишгоҳҳо (дараҷаи бакалавр) таҳсил менамоянд. Аз рӯи баҳогузориҳои Агентии Омори Тоҷикистон (ТаджСтат, 2012)  ва татқиқоти охирини Бонки Умумиҷаҳонӣ доир ба мактабҳои олии кишвар (2014A) айни замон дар Тоҷикистон қариб 190, 000 донишҷӯ дар муассисаҳои таълимӣ (яъне дар сатҳи коллеҷҳо ва донишгоҳҳо) таълим мегиранд. Ин маънои онро дорад, ки танҳо 5%-и донишҷӯён дар муассисаҳои олии таълимӣ кишоварзиро меомӯзанд.

**Ҷадвали 1. Муассисаҳои таълимӣ дар Системаи МКО дар Тоҷикистон**

| **Муассисаҳои таълимии кишоварзӣ** | **Шумораи умумии донишҷӯён** | **Шумораи донишҷӯён (дар фоиз ҷинси зан нишон дода шудааст)** | **Ихтисосҳои дар муассисаҳои таълимӣ пешниҳодшаванда** |
|---|---|---|---|
| ***Муассисаҳои олии таълимӣ*** | | | |
| Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон (ДАТ) | 7,659 | 7,659 (7%) | Тамоми самтҳои кишоварзӣ |
| Донишгоҳи технологии Тоҷикистон (ДТТ) | 2,200 | 450 (маълумот мавҷуд нест) | Ихтисосҳо доир ба коркарди маҳсулоти хӯрока |
| Донишгоҳи давлатии Қурғонтеппа (ДДҚ)** | 13,000 | Маълумот мавҷуд нест | Экология (педагогика/ тайёрии педагогӣ<br>Биология (педагогика /тайёрии педагогӣ |
| Филиали Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар ш.Кӯлоб | 1,610 | 543 (15%) | Агротехнология |

| | | | |
|---|---|---|---|
| Донишгоҳи давлатии Данғара (ДДД) | 2,153 | 498 (4%) | Агрономия<br>Нигаҳдории маҳсулот ва технологияи коркард<br>Агрономия, иқтисод ва идора<br>Технология, иқтисод ва идора<br>Нигоҳдори ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ<br>Технологияи нахҳои табии<br>Технологияи нахҳои синтетики |
| Филиали Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар Исфара | 500 | 174 (70%) | Саноати хӯроквори |
| Филиали Институти Политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон дар ш. Хуҷанд (ИПДТТ) | 3,200 | 200 (30%) | Агро-технология |
| **Коллеҷҳои техники** | | | |
| Бохтар | 423 | 423 (8%) | Агрономия<br>Ташкили хоҷагиҳои деҳқони<br>Машино-техник<br>Ветеринария<br>Ҳисоби бухгалтери |
| Мастчоҳ | 494* | 494 (5%) | Агрономия<br>Механикунони<br>Ҳисоби бухгалтери<br>Ветеринария |
| **Муассисаҳои татқиқотии кишоварзӣ** | | | |
| Академияи илмҳои кишоварзӣи Тоҷикистон | Маълумот мавҷуд нест | Маълумот мавҷуд нест (30%) | Ҳамаи соҳаҳои кишоварзӣ |

**Аксарияти донишҷӯён гоибхонанд.*

*** ДДҚ донишгоҳи омӯзгориест, ки шумораи зиёди донишҷӯ дорад. Ду самти ДДҚ, яъне экология ва биология ба кишоварзӣ бевосита алоқаманд аст.*

Расми 1 тақсимоти ҷуғрофии муассисаҳои таълимии Системаи МКО-ро нишон медиҳад, ки гурӯҳи мо зимни татқиқот аз онҳо дидан намуд. Бинобар иттилои гурӯҳи InnovATE дар ҷадвали 1 ва расми 1 рӯйхати пурраи муассисаҳои Системаи МКО пешниҳод гардидааст. Тоҷикистон омӯзишгоҳҳои касби-техникии кишоварзӣ надорад, ҳарчанд баъзе омӯзишгоҳҳои касби-техники (ОКТ) дорои ихтисосҳоеанд, ки метавон дар соҳаи кишоварзӣ истифода бурд, ба монанди таъмири техникаи кишоварзӣ ва сохтмон. Дар кишвар се коллеҷи техники мавҷуд аст, ки барои

мактабҳои миёнаи деҳот муаллим тайёр мекунад. Бо вуҷуди ин коллеҷҳои мазкур (дар ноҳияҳои Рӯдаки, Ҷаббор Расулов ва Зафаробод) омодасозии мутахассисони истеҳсолоти кишоварзӣ ва ё мутахассисон барои хоҷагии қишлоқро дар бар нагирифтаанд, аз ин лиҳоз онҳо ба ин татқиқот дохил карда нашудаанд.

Расми 1. Тақсимоти ҷуғрофии муассисаҳои таълимии Системаи МКО, ки зимни татқиқот аз онҳо дидан карда шуд.




*Аз ҷониби муаллифони ҳисобот бо дастраси аз маълумоти "Baselayer DIIVA-GIS" мураттаб гардидааст.*

Тақсимоти ҷуғрофии муассисаҳои таълимии Системаи МКО, ки дар расми 1 нишон дода шудааст, мушкилоти донишҷӯёни деҳотиро оид ба дастрасии онҳо ба захираҳои иҷтимои ва молиявии пардохти таҳсил дар бар мегирад. Агар донишҷӯён дар соҳаи кишоварзӣ таҳсил кардан хоҳанд, онҳо бояд ба Донишгоҳи агарарии Тоҷикистон ба шаҳри Душанбе ва ё ба Донишгоҳи давлатии Данғара раванд. Агар ин муассисаҳои олии таълими дур аз хона воқеъ бошанд, дар ин ҳолат донишҷӯён имконияти камтари робита бо оила ва истифода аз шабакаи дастгирии иҷтимоиро доранд, ки волидайни онҳо метавонистанд ба онҳо расонанд. Тамоми ректороне, ки мо бо онҳо ҳамсӯҳбат гаштем, қайд намуданд, ки ҳарчанд онҳо аз тамоми манотиқи кишвар донишҷӯ доранд, аммо аксарияти донишҷӯён бевосита аз вилоят ва ноҳияҳои дар наздики – дар атрофи мактаби оли ҷойгиршуда меоянд.

Мавҷуд набудани ихтисос ва факултаҳои кишварзӣ дар аксарияти муассисаҳои олии таълими интихоби донишҷӯёнро дар касбҳои кишоварзӣ маҳдуд менамояд. Тафовути калон дар тақсимоти ҷуғрофии Системаи МКО набудани муассисаҳои олии таълимии кишоварзӣ дар тамоми вилояти Суғд ба шумор меравад. Ба ғайр аз ду ихтисоси алоҳидаи саноати хӯрокаи Филиали Институти Политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон дар ш. Хуҷанд (ИПДТТ) ва Филиали Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар Исфара, донишҷӯён ягон имконияти дигари ба даст овардани касбҳои кишоварзӣро дар вилояти Суғд надоранд. Ин барои рушди соҳаи кишоварзӣ тамоман қобили қабул нест, дар ҳоле, ки қисми зиёди истеҳсоли маҳсулоти хӯрока ва коркарди онҳо дар вилояти Суғд ҷойгир аст.

Мушкилоти дигари донишҷӯёне, ки тасмим гирифтаанд дар соҳаи кишоварзӣ таҳсил намоянд ва дур аз хона қарор доранд, ин фишори молиявист. Масъалаи баробарии иҷтимои-иқтисоди дар соҳаи маълумоти оли ба ҷойгиршавии ҷуғрофии муассисаҳои таълими робитаи мутақобила дорад, чун системаи бурсияҳои президенти барои дастгирии молиявии он донишҷӯёне равона гардидааст, ки аз навоҳии гуногуни кишвар аз оилаҳои камбизоат ҳастанд. Гузашта аз ин, ба ғайр аз бурсияҳои на чандон зиёди идрорпули донишҷӯён дигар ягон дастгирии молияви надоранд. Ҷойҳои давлатии буҷави дар асоси давомоти хонандагон тақсим мешаванд ва манбаи асосии маблағгузории кишвар бо даромади кам ба шумор меравад, ки хоси ноҳияҳои деҳотии кишвар мебошад. Бурсияҳои президенти низ яке аз роҳҳои баланд бардоштани баробарии гендери дар соҳаи маълумоти оли ба шумор меравад. Бинобар маълумоти Бонки Умумиҷаҳони (2014A) таткиқотҳо нишон доданд, ки қариб 30%-и донишҷӯён дар системаи маълумоти оли занҳо мебошанд. Чи тавре ки аз Ҷадвали 1 маълум аст, фисади донишҷӯдухтароне, ки дар муассисаҳои олии таълими ва коллеҷҳо ихтисоси кишоварзӣ мегиранд, хеле паст аст (қариб 5-10%). Филиали Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар Исфара ва Филиали Институти Политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон дар ш.Хуҷанд дар ин робита истисноанд, чун дар онҳо фисади баланди қабули донишҷӯдухтарон дида мешавад (70% дар Филиали Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар Исфара), ки метавонад фазои маънавии Хуҷанд ва қобили қабул будани кор барои занон дар соҳаи хӯрокаро ифода намояд. Аммо дар маҷмӯъ шумораи донишҷӯдухтарон ба ҳадди ниҳои кам аст, бахусус дар ДАТ. Яке аз сабабҳои эҳтимолии набудани донишҷӯдухтарон он аст, ки онҳо бояд дар шаҳри Душанбе зиндаги намоянд, ки аз хонаҳояшон дар мавзеи дур ҷойгир аст ва барои волидайни онҳо он қадар қобили қабул нест. Дар маҷмӯъ аксарияти ихтисосҳои кишоварзӣ таърихан ҳамчун шуғли мардона барраси мегардиданд (чун дар дигар қисматҳои ҷаҳон), занҳо бошанд доир ба онҳо камтар бохабар буданд.

## 3. Мутаҳаррикҳои дигаргуни дар талабот ва таъминоти бозори меҳнати кишоварзӣи Тоҷикистон

Омили асосии рушди Системаи МКО бояд тавсеаи ҳалқаҳои истеҳсолоти кишоварзӣ бошад. Кишоварзӣ дар маҷмӯъ бахши муҳими иқтисоди Тоҷикистон маҳсуб мегардад, аммо мавқеи он вобаста ба минтақа тағйир меёбад. Масалан ба вилояти Хатлон қариб 51%, ба вилояти Суғд -28% ва ба ноҳияҳои тобеи марказ танҳо 19%-и ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзӣ рост меояд. Пахта мисли пештара маҳсулоти асосии содиротии кишоварзӣст ва баъд аз он меваву сабзавоти тару тоза ва хушк меистанд, ки иқтидори васеи содироти доранд ва агар истеҳсоли онҳо васеъ гардида, шабакаҳои коркардашон дастгири гарданд, метавонанд содироти пахтаро ба канор кашанд (Бонки Умумиҷаҳони, с.2014). Вазъияти зуд рушёбандаи сиёсии ҷаҳон сармоягузори дар Системаи МКО-ро ниҳоят зарур мегардонад, то ин ки рушди пайваста ва беҳтаргардонии истеҳсолоти кишоварзӣ таъмин карда шавад. Кишвар на танҳо ба истеҳсоли маҳсулоти хӯрока барои таъмини амнияти озуқавории дохили вобаста аст, балки барои талаботи рӯзафзуни Россия ва бозорҳои нав дар кишварҳои Аврупо ва Осиё низ вобастаги дорад. Новобаста аз инфрасохтори номукаммали содиротии кишвар, таҳримҳои иқтисоди аз ҷониби ҳамсоякишварҳои минтақа (Ӯзбекистон муттасил роҳҳои транзитии роҳҳои оҳани Тоҷикистонро мебандад) ва роҳҳои маъмулии гаронарзиши савдо (ба воситаи ҳаво), Тоҷикистон мисли пештара содиркунадаи муҳими озуқавори ба Россия, бахусус маҳсулоти навъи пешпазаки пиёз, ӯ зардолуи хушк ва лимӯ ба ҳисоб меравад.

### 3.1 Таъсири ислоҳоти кишоварзӣ

Дар охири солҳои 1990-ум ҳукумат амалисозии гузариш аз сиёсат ва сохтори аграрии шӯрави (аз хоҷагиҳои бузурги давлати ва коллективи) ба иқтисоди бозоргони ва системаи кишоварзӣро оғоз намуд. Барҳам додани беш аз 600 хоҷагии давлативу коллективи ба таъсисёбии беш аз 165, 000 хоҷагиҳои хурди тиҷоратии деҳқони оварда расонд (ба ҳисоби миёна ҳар кадоме дорои 1-3 га замин; Бонки Умумиҷаҳони с.2014). Ислоҳоти замин дар Тоҷикистон ба деҳқонон имкони соҳиб гаштан ба ҳуқуқи заминистифодабариро фароҳам оварда, ки ба истеҳсолоти мусби, аммо ба афзоиши на онқадар зиёди истеҳсолот ва диверсификатсияи истеҳсолот оварда расонид. Ислоҳоти кишоварзӣ ба намояндагони агробизнеси тоҷик рағбати зиёдеро нисбати омӯзиши иқтидори бозорҳои содиротии берун аз ҳудуди бозорҳои маъмули (ба монанди Россия ва Қазоқистон) бедор намуд. Намояндагони Иттиҳодияи Агробизнеси Тоҷикистон иттилоъ доданд, ки онҳо роҳҳои баромадан ба бозорҳои аврупоиро ҷустуҷӯ доранд, зеро дар муқоиса ба Россия аз ҷиҳати

иқтисоди нисбатан босуботанд. Онҳо ҳамчунин иброз доштанд, ки корхонаҳои шахси дар соҳаи кишоварзӣи Тоҷикистон ба қадри лозима рақобатпазир нестанд ва ба донишҳои махсус (ба монанди бехатарии маводи озуқавори ва шаҳодатномаи ISO-Созмони байналмилалии стандартизатсия) зарурат доранд, то ки дар пешниҳоди маҳсулоти кишоврзии тоҷик ба бозорҳои нав мусоидат намоянд.

Азнавташкилдиҳи ва барҳам додани корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣи давраи шӯрави ба фрагментатсияи истеҳсолоту коркард ва ҳамчунин ба камшавии миқёси коркарди маҳсулоти кишоварзӣ оварда расонид. Ҳалқаҳои кунунии истеҳсолот ҳатто ба маводи ғизоии асоси танҳо аз самти истеҳсоли равона гардидаанд, ки ҳалқаро кӯтоҳ ва нисбатан камдаромад месозад (яъне коркард вуҷуд надорад ва ё суст инкишоф ёфтааст). Хоҷагидорон бинобар набудани донишҳои техникии кишоварзӣ ва сармояи дармуомилабуда, ки бо миқёси маҳдуди истеҳсолот тавъам мегардад, фаровонии истеҳсолотро бо заҳмат ноил мегарданд. Баҳодиҳии иқлими сармоягузории кишоварзӣ дар соли 2013 (дар маърӯзаи Бонки Умумиҷаҳони с.2014 қайд гардидааст) нишон дод, ки танҳо сеяки ҳоҷагидорон маҳсулоти худро ба харидорони тиҷорати дар бозорҳои савдо мефурӯшанд, қисми боқимонда (52%) аз майдон фурӯхта мешавад (яъне бо арзиши паст). Аз ҷониби дигар коркардкунандагони хурди маҳсулоти кишоварзӣ норасоии доимии сармоя ва алоқаи сусти бозорро дарк намуда, талош мекунанд, ки таъминоти боэътимоди ашёи хоми босифатро таъмин намоянд. Бар замми ин, хоҷагиҳои кишоварзӣ ва коркардкунандагон иттилои лозими ва донишҳои техникии технологияи муосири коркард, стандарти маҳсулот ва бехатарии маҳсулоти хӯроквори ва бозоргониро надоранд (ниг. ба ҳамон ҷо).

## 3.2 Таъминот ва талабот дар бозори меҳнати кишоварзӣ

Дар ҳоле, ки Тоҷикистон танҳо як донишгоҳи аграрӣ дорад, мо чунин мешуморем, ки дар бозори меҳнат нисбат ба бахши кишоварзӣ бештар хатмкунандагони дигар муассисаҳои олии таълими ворид мегарданд ва бо назардошти маҳдудиятҳои зикргардида барои истеҳсолот ва коркард ва набудани имкониятҳои бо кортаъминкуни бахшҳои марбута метавонанд ба худ кашида гиранд.

Дуршавии ДАТ аз воқеияти деҳот ба кӯҳнашавии барномаҳои таълими ва ихтисосҳо бурда мерасонад, ки баъди хатми таҳсил боиси ноумедии донишҷӯён мегардад. Корфармоён намехоҳанд он қабил хатмкунандагонеро ба кор қабул намоянд, ки дар айни ҳол таҳсилро ба анҷом расонидаанд (Бонки Умумиҷаҳони 2014б). Тавсеаи истеҳсолоти гармхонаги ва боғҳо нишон медиҳанд, ки норасоии ҷиддии коргарони соҳибихтисос доир ба гармхона ва идоракунии боғҳо ба назар мерасад, ки дониши киштгардон, коркарди замин, обёри, мубориза бо

зарарасонҳо ва ҷамъоварии ҳосилро дар бар мегиранд. Набудани қувваи кории ихтисосманд ба пастравии сатҳи истеҳсолот ва маҳсулоти пастсифат бурда мерасонад. Дар натиҷа хоҷаги нисбатан камдаромад мегардад ва сармоягузори тавсия намегардад. Ин ҳолат нишон медиҳад, ки замони сармоягузори ба навкунии маълумоти кишоварзӣ ва омодасозии мутахассисони кишоварзӣ фаро расид. Агар аз рӯи ҳақиқат гӯем, таъмин намудани хатмкардаи бомалака ва омодаи кор ва ҷавобгӯи талаботҳои бахши кишоварзӣ хеле душвор аст, агар корфармоён ва Системаи МКО бо якдигар дар иртибот набошанд ва танҳо ба назорати давлати кифоят кунанд. Барқарор намудани робита бо корфармоён хеле муҳим аст, то ин ки онҳо тавонанд талаботашонро ба донишу таҷрибаҳои Системаи МКО расонанд ва дар навбати худ метавонад омодасозии муносибро таъмин намояд ва дар азхуд кардани дониш барои иқтисоди бозаргони ба донишҷӯён мусоидат намояд.

Кишоварзӣ ва касби кишоварзӣро аксарият танҳо дар шакли маҳдуди истеҳсолоти кишоварзӣ ва идоракунии истеҳсолоти кишоварзӣ қабул менамоянд. Чунин андеша дар вақти вохӯри бо донишҷӯён, мулоқоти ғайрирасми бо мардум ва бо иддае аз устодон ва роҳбарият муайян гардид. Дар Тоҷикистон кам касоне медонанд, ки шуғл дар кишоварзӣ дар худ доираи васеи имкониятҳо барои бо кор таъминкуни дар муҷтамеи ҳалқаи истеҳсолотро дорост (ниг. ба Ҷадвали 2 барои муайян намудани он, ки барои фаъолияти ҳалқа кадом ихтисосҳо заруранд) ва ё дар худ ҳама гуна фаҳмиши соҳибкориро дар бар мегирад. Аксарияти донишҷӯён кушиш менамоянд дар давлат кор кунанд ва ё ба муҳоҷирати меҳнати ба Россия раванд. Дар муассисаҳои олии таълими омӯзгорон низ доир ба имкониятҳои бо кор таъминкунии ҳалқаи истеҳсоли огоҳи надоранд ва дар натиҷа бо истифода аз усулҳои анъанавии омӯзгори дар доираи илмҳои бунёди донишҳои эҳтимолии барои ихтисосҳои марказонидашуда ва иқтисоди банақшагирифташуда омодашударо таълим медиҳанд. Ҳарчанд бисёриҳо иқрор шуданд, ки «хоҷагидорони нав» норасоии ҷиддии донишҳои техникиро эҳсос менамоянд, ягон нафар роҳи кор барои хизматрасонии ин насли нави хоҷагидорони хурдро ҷустуҷӯ наменамояд. Ин метавонад бо якчанд омилҳо алоқаманд бошад: аввалан, хоҷагидорони нав бинобар маҳдудиятҳои истеҳсолиашон барои киро кардани хатмкунандагон барои кор дар хоҷаги ба худ иҷозат дода наметавонанд; дувум, мавҷуд набудани занҷираҳои истеҳсоли маҳсулот ; ва сеюм, нобоварии хоҷагидорон ба хатмкунандагони ДАТ ва дигар муассисаҳои олии таълими, ки метавонистанд дарров ба кори худ шурӯъ намоянд.

Рушди кишоварзӣ дар Тоҷикистон бо тавсеаи ҳалқаи истеҳсоли алоқаманд аст, ки рушди иқтидори меҳнатиро барои тавсеа ва таҳкими ҳар як ҳалқа тақозо менамояд. (Намунаи доираи маълумоти шуғл ва имкониятҳо дар сабзавотпарвари ва мевадори дар ҷадвали 2 ҷудо карда шудааст). Чаҳорчӯбаи рушди бозори меҳнатро ба чаҳорчӯбаи ҳалқаи истеҳсоли илова намуда мебинем, ки таъминот ва талаботи

кунуни ба мутахассисон дар бахши кишоварзӣро муайян намудан зарур аст. Муқоисаи талабот ва таъминоти бозори меҳнат дар Тоҷикистон моро дар боби дигар ба таҳлил меорад, ки норасоии кунунии дониш ва омодасозии мутахассисони коргарро тавсиф менамояд.

**Ҷадвали 2. Ихтисосҳои кор дар ҳалқаҳои истеҳсолии мева ва сабзавот (гармхонаги)**

| Ихтисосҳои мунтахаб | Талаботи маълумоти расми | Талабот ба дараҷаи дониш |
|---|---|---|
| **Истеҳсолот барои содирот** | | |
| Коргари ҳосилғундор | Мавҷуд нест | Паст |
| Тракторчи/ронандаи мошинҳои боркаш | *Литсензия/ шаҳодатнома* | Паст-миёна |
| Устои гармхонаҳо | *Литсензия/ шаҳодатнома* | Паст-миёна |
| Техник доир ба пошидани заҳрҳои кимиёви | Маълумоти техники | Миёна-оли |
| Мутахассис доир ба обёри | Маълумоти техники/бакалавр | Миёна-оли |
| Назорати сифат | Маълумоти техники/бакалавр | Миёна-оли |
| Машваратчи доир ба хоҷаги | Бакалавр/ магистр | Оли |
| **Бастабанди ва нигоҳдори** | | |
| Бастабанд | Мавҷуд нест | Паст |
| Тамғазан | Миёна | Паст-миёна |
| Ронандаи касби | *Литсензия/ шаҳодатнома* | Паст-миёна |
| Сардори баст | Маълумоти техники | Миёна-оли |
| Назоратчи | Маълумоти техники | Миёна-оли |
| Менеҷер доир ба бастабанди | Бакалавр/ магистр | Оли |
| Менеҷер доир ба таъмини сифат | Магистр | Оли |
| **Коркард** | | |
| Коргарони хат | Миёна | Паст-миёна |
| Механик доир ба хизматрасонии техники | Маълумоти техники | Миёна-оли |
| Сардори истеҳсолот | Бакалавр | Оли |
| **Экстеншн ва хизматрасониҳои машварати** | | |
| Мутахассис доир ба экстеншн | Маълумоти техники | Миёна-оли |
| Машваратчии саҳрои | Бакалавр/ магистр | Миёна-оли |

*Аз таттқиқоти Фернандез-Старка, Бамбер ва Гереффи, 2011, саҳ. 54.*

## 3.3. Норасоии дониш ва талаботи бахши кишоварзӣи Тоҷикистон

Дар маҷмӯъ аксари ахборрасонҳо набудани курсҳои омӯзишии рушди малакаҳои соҳибкори барои донишҷӯён дар кишварро қайд карданд. Танҳо баъзе донишҷӯён дар давраи таҳсил ғояҳои соҳибкориро пешаки дарк мекунанд ва ё имконияти ба амал овардани онро доранд, аммо баъди хатми таҳсил имконияти амали кардани

онро надоранд. Як дурнамо ин таҳияи нақшаи дастгирии хатмкунандагон дар рушди малакаҳои соҳикорист-хоҳ барои ба даст овардани фоида бошад ё на барои он. Донишгоҳи технологии Тоҷикистон бо такя ба малакаҳои забони англиси ва истифодаи технологияи нави иттилооти барои рушди имкониятҳои иқтисодии ҳалқаҳои истеҳсолот ба тими InnovATE намунаҳои омодасозии донишҷӯён барои аз худ кардани малакаҳои соҳибкориро пешниҳод намуд. Корфармоён ҳамчунин қайд намуданд,ки донишҷӯён омодагии таҷрибавии кофи барои такмили ихтисос надоранд, ки дар матни тағйироти системаи истеҳсолот дар Тоҷикистон қобили татбиқ аст. Масалан набудани экстеншн ва хизматрасониҳои машваратии натанҳо ба истеҳсолкунандагони аз ҳама калон дастрас, балки ба ҳама хоҷагидорон дастрас. Ҳамзамон хатмкунандагони муассисаҳои олии таълимии кишоварзӣ донишҳои техники надоранд ва дар қонеъ намудани талаботи хоҷагидорони хурд итминон надоранд. Корфармоён иқрор шуданд, ки хатмкунандагони Системаи МКО аз нуқтаи назари назарияи истеҳсолот омода карда мешаванд, аммо барои идора кардани хоҷагиҳои деҳқони малакаҳои амали ва таҷриба надоранд. Ба хоҷагидорон, бахусус ба онҳое, ки дар истеҳсолоти гармхонаги ва боғҳо фаъолият доранд, барои ба савдо мондани маҳсулоташон дар соҳаи бозоргони малака доштан зарур аст. Онҳо ҳамчунин ба машварати техники доир ба истеҳсолоти муосир, ҳосилғундори, технологияи нигоҳдори, коркард ва таҷҳизот ниёз доранд ва дар ниҳоят ба малакаҳои содироти - бозоргони эҳтиёҷ пайдо мекунанд, ки аксаран талаботи зиёд дорад. Барои рақобатпазирии бахши кишоварзӣи Тоҷикистон, бахусус дар бозорҳои содироти, кормандонеро доштан зарур аст, ки доир ба нақшаи соҳибкори, коркарди самаранок, бозоргонии байналмилали ҷаҳонбини ва дониш дошта бошанд, ва ҳамчунин малакаи робита ва дониши забони хориҷиро доро бошанд.

Дигар доираҳои норасоии дониш дар бахши тағйирёбандаи кишоварзӣ ва иқтисодии ҷумҳури инъикос меёбад. Бисёрии ҳоҷагидорон дар деҳот зиндаги мекунанд, ки дар он ҷо оилаҳо зиндагиву кор мекунанд ва чандин наслҳо боз зиёд мегарданд. Бар замми ин, муҳоҷирати мардҳо аз ноҳияҳои деҳот феминизатсияи кишоварзӣи Тоҷикистонро ба бор овард (Мухамедова ва Вегерич, 2014). Занҳо дар майдонҳо ҳамчун қувваи кори барои нобуд кардани алафҳои бегона, ҳосилғундори, истеҳсоли заминҳои наздиҳавлиги ва обчакори кор мекунанд ва ҳамчунин ба консервакунонии меваву сабзавот барои нигоҳдории фасли зимистон машғул мешаванд. Дониш дар рӯзгордори барои коркарди маводи хӯрока, иқтисодиёти рӯзгор, ва идораи захираҳои табиии имконияти таъсиси ҷойи кор барои занон ва ҳамчунин беҳтарсозии сатҳи зиндагии деҳотро дорост. Аксарияти оилаҳо ҳамчунин чорвои калони шохдор ва ё чорвои хурди шохдор (гӯсфанду бӯз) доранд, аз ин лиҳоз малакаҳои рӯзгордории кор бо ҳайвонот ва коркарди шир метавонад иштироки занҳоро дар соҳаи чорводори ба андозаи муҳим тавсеа бахшад. Дар

хулосаи маърӯзаи Бонки Умумиҷаҳони доир ба малакаи бокортаъминкуни (Бонки Умумиҷаҳони) зарурати дониш барои дастгирии талаботи рӯзафзуни бозорҳои дохиливу байналмилали қайд гардида буд. Онҳо зарурати донишҳои таҳлили ва ҳамчунин малакаҳои алоқаи байни шахсият барои бахшҳои зарфияти илмидошта ва хизматрасони барои дастгирии чорабиниҳои технологи, расми ва савдо дар кишварро, ки агар истеҳсол ва коркарди он тавсеа дода шавад метавонанд бо кишоварзӣ робитаи мутақобила дошта бошанд, қайд карданд. Ин маърӯза ҳамчунин ба рушди дониш дар «иқтисодиёти нав» даъват намуд, ки барои дастгирии сармоягузори дар саноати хӯроквори ва хизматрасони, аз қабили хизматрасониҳои қарзи ва ё суғурта барои истеҳсолкунандагон ва соҳибкорони кишоварзӣ зарур хоҳанд шуд.

Дар мусоҳиба бо корфармоён якчанд доираҳои калидие, қайд гардиданд, ки онҳо дар хатмкунандагони дирӯза баъди хатми маълумоти миёна ва оли норасоии тахассус мебинанд. Дар ин масоили малакаҳо якчанд сабаб мавҷуд аст. Якум, муаллимон ва омӯзгорон донишҷӯёнро ҳамон гунае таълим медиҳанд, ки худи онҳоро таълим додаанд, ва ҳамчунин онҳо сарбории вазнини таълими доранд, ки вақт ва ё рағбат барои ҷори намудани усулҳои пешрафтаи таълим нокифоя аст. Ба ғайр аз ин онҳо бо барномаҳое кор мекунанд, ки мувофиққуни номумкин аст ва ба тафаккури эҷоди иҷозат намедиҳад. Корфармоён ҳамчунин ҷаҳд намекунанд, ки бо омӯзгорон доир ба кадом малакаҳоро доштани хатмкунандагоне, ки ба кор мегиранд, мулоқот намоянд. Ба ғайр аз ин, дар кишвар таҷрибаомӯзи ва машғулиятҳои амали дар бахши хусуси маҳдуд аст ва танҳо ба иддае аз донишҷӯён дастрас аст. Бозори кишоварзии меҳнат бе таваҷҷӯҳ ба он, ки на ҳамаи ҷойҳои кори дар деҳотанд ва на ҳама хатмкунандагони кишоварзӣ ба хоҷагидорон кор мекунанд, таърифоти нодуруст дорад. Нокифоягии тамоюли касби ва набудани робитаи корфармоён бо муассисаҳои олии таълими доир ба масоили дониш ва малака, ҳамчунин набудани мубоҳисаҳо доир ба касбҳои эҳтимоли, диди васеи имкониятҳои бо кортаъминкуни дар бахши кишоварзиро пешгири менамояд. Дар кишвар радди эътирофи имкониятҳои гуногуни бо кортаъминкуни мавҷуд аст, ки хоси ҳар як навъи истеҳсолоти кишоварзӣ, коркард ва бахшҳои фурӯш аст ва радди эътирофи зарурати мутобиққунонии таълим ва омодасозии қувваи кори ба талаботи сегментҳои бозори меҳнати кишоварзӣ мавҷуд аст. Малакаҳои зарури аз сатҳи тахассус (аз токбури то литсензиякунони ва содирот), сатҳи маълумот (аз ибтидои то оли ва касби), мавзеи ҷойгиршави (деҳот, шаҳр ва байналхалқи) ва фанҳо (агрономия, бозоргони, агробизнес ва соҳибкори) вобастаанд.

## 4. Иқтидор, мушкилот ва имкониятҳо дар Системаи маълумоти кишоварзӣ ва омодасозии мутахассисон дар Тоҷикистон

Мо дар ин боб иқтидор, мушкилот ва имкониятҳо дар Системаи МКО дар Тоҷикистонро дар партави талаботҳои малака ва норасоии дониш, ки дар боби гузашта баён гардид, натиҷагири менамоем. Тоҷикистон ҳамчун кишвари кишоварзӣ таърихи ғани дорад, ки иқтидори бахши хусусии рушдёфтаистодаи кишоварзӣ маҳсуб меёбад. Кишвар бо ин ифтихор дорад ва аксарият дарк мекунанд, ки роҳ ба сӯи рушди иқтисоди дар кишвар дар ноҳияҳои деҳот оғоз мегардад. Ислоҳоти кунунии замин, ки амали гашта истодааст, барои баровардани кишвар ба системаи бозоргони кӯмак мерасонад. Иддае аз истеҳсолкунандагон ва соҳибкорони кишоварзӣи тоҷик дар истеҳсоли маҳсулот барои бозорҳои ҷаҳони ва дар таъсису тавсеаи ҳалқаҳои истеҳсолоти кишоварзӣ муваффақ гаштаанд. Ин иқтидор якчанд масоили вобаста ба дастгирии Системаи МКО-ро, ки бояд гиро бошад ва ба тағйирот дар сохтори кишоварзӣ ва талаботи дониши коргар дар Тоҷикистон эътино намояд, ҷуброн мекунад. Ва ҳамчунин якчанд имкониятҳои эҳтимолии ҳалли мушкилот дар Системаи МКО вуҷуд дорад.

### 4.1 Иқтидори Системаи МКО

Иқтидоре, ки мо дар Системаи МКО муайян намудем, воқеан хеле пуриқудрат аст. Ҳукумати Тоҷикистон ба дастгирии кишоварзӣ таваҷҷӯҳи калон медиҳад. Намояндагон аз Вазорати маориф ва илм ва дар донишгоҳҳо низ доир ба зарурати дастгирии маълумоти мутахассисони ояндаи кишоварзӣ ёдовар шуданд. Ҳукумати Тоҷикистон шумораи зиёди хатмкунандагони баландихтисоси муассисаҳои олии таълимии кишоварзӣро дидан мехоҳад, ки барои беҳтарсозии системаи кишоварзӣи Тоҷикистон омодаанд (ниг. Ҳукумати Тоҷикистон 2012, Дурнамои миллии маориф). Боз яке аз иқтидорҳои Системаи МКО дар кишвар ин мавҷудияти инсонҳоест, ки худро ба маориф бахшидаанд. Системаи МКО дар кишвар таърихи тӯлони ва амиқи омодасозии донишҷӯён барои бо кортаъминкуни дорад. Аксарияти омӯзгорон ва донишҷӯёне, ки мо бо онҳо вохӯри доштем, сабаби дар кишоварзӣ ҷалбшавиашонро кӯмак расонидан дар рушди кишвари худ иброз намуданд. Омӯзгороне, ки аз факултаҳои гуногун бо мо вохӯрданд иброз доштанд, ки бояд чи гуна дониш ва татқиқотҳои онҳо ба истеҳсолкунандагон дар истифодаи технологияи муосири истеҳсолот барои беҳтаргардонии ҳосил кӯмак расонад. Ғояе, ки Системаи МКО бояд истеҳсолоти кишоварзӣро дастгири намояд, дар муассисаҳои олии таълими хеле амиқ реша давонидааст. Дар айни замон ин инсонҳо мефаҳманд, ки Системаи МКО ба ислоҳот ниёз дорад. Аксарият иброз

доштанд, ки онҳо муассисаҳои олии таълимии кишоварзӣеро дидан мехоҳанд, ки хатмкунандагони дорои малакаҳои ба бозори кунунии деҳот зарури омода созанд.

Ҳамон гунае, ки зуҳури ҳалқаҳои истеҳсолоти кишоварзӣ идома меёбад ва дар Тоҷикистон тавсеа меёбад, ҳамон гуна тавсеаи навъҳои дониш ва малакаҳои барои гуногунрангии ҷойҳои кор зарури идома меёбад. Ҷадвали 2, ки дар боло пешниҳод гардид, сатҳи маълумоти зарури барои шаклҳои гуногуни кор дар истеҳсолот ва коркарди меваву сабзавотро нишон дод, ки доир ба зарурати беҳтарсозии сифати омодасозии донишҷӯён, сар карда аз синфҳои ибтидои то маълумоти касби шаҳодат медиҳад. Коллеҷҳо ва омӯзишгоҳҳои касби-техники дар беҳтарсозии қобилиятнокии иқтисодии истеҳсолкунандагони хурди кишоварзӣ ва тавсеаи ҳалқаи истеҳсолот ва коркард нақши калиди мебозанд. Коллеҷҳои техники таърихи омодасозии ҳунармандони боихтисоси соҳибмалакаро доранд, ки барои деҳот лозиманд. Омӯзгорони коллеҷҳо иброз доштанд, ки хоҳиш доранд қувваи кории соҳибихтисоси барои деҳот зарурро таълим диҳанд. Омӯзгорони литсейҳои касби-техники қайд карданд, ки аксари донишҷӯён дар баробари маълумоти миёна ба гирифтани донишҳои ҳунарманди низ рағбат доранд. Чун аксарияти ин донишҷӯён фарзандони деҳқонони навкор ҳастанд, дар ҳарду ҷониб – ҳам дар донишҷӯён ва ҳам дар омӯзгорон - шавқи баланд бардоштани донише, ки метавонад рушди кишоварзӣро дастгири намояд, мавҷуд аст.

Иқтидори дигари Системаи МКО иқлими кунунии сармоягузори дар Тоҷикистон аст, ки барои ислоҳоти маориф аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳони хеле дастгири ва маблағгузори мегардад. Натиҷаи ниҳоии ин сармоягузориҳо умедворем идораи нисбатан соҳибихтиёронаи муассисаҳои таълими дар Тоҷикистон мегардад. Дар айни ҳол дар Системаи МКО якчанд «мисолҳои барҷаста» мавҷуд аст, ки ба тағйиротҳои барои таҷассумёбии Системаи МКО бурда мерасонанд. Ашхоси зиёде ба омодагии бештари забондони, тавсеаи робита бо бахши хусуси ва беҳтарсозии барномаҳои таълими/педагоги мароқ доранд. Тамоми ашхоси дар Системаи МКО ва бахши хусуси фаъолиятдошта ғояи таҳияи таълими экстеншн ва курсҳои кӯтоҳмуддати омӯзиширо дастгири менамоянд. Ба мо возеҳ буд, ки одамон дар Системаи МКО донишҳои муносиби таҳҷои доранд, ки барои истеҳсолкунандагон муфид хоҳад буд. Бар работы ин, ҳайати кормандони таълимии Системаи МКО воситаҳои баланд бардоштани даромади худро ҷустуҷӯ хоҳанд кард. Бартарии асосии ин Системаи МКО мавҷудияти захираҳои инсонист ва бахши хусуси зарурати рушди маълумот дар экстеншро ироа намуд. Бар замми ин намояндагони ДАТ ва АИКТ ба барқарор намудани робита миёни татқиқотҳо дар доираи кишоварзӣ ва хоҷагидорон мароқи калон зоҳир намуданд.

## 4.2 Мушкилот дар Системаи МКО

Тими InnovATE дар Системаи МКО дар Тоҷикистон як қатор мушкилотро муайян намуд. Низомҳои кунунии истеҳсолоти кишоварзӣ дар Тоҷикистон ҳоло дар марҳилаи гузариш қарор доранд ва яқинан бо ба пурраги амали гардидани ислоҳоти кишоварзӣ тағйир хоҳанд ёфт. Масалан одамони зиёде, ки мо бо онҳо вохӯрдем, доир ба зарурати таъсиси низом доир ба таҳвили ҳуқуқи заминистифодабари дар байни заминдоронро таъкид доштанд, ки имкон медиҳад хоҷагиҳои деҳқони нисбатан тавсеа ёбанд ва миқёси истеҳсолотро васеъ намоянд. Аз ин лиҳоз, муҳим он аст, ки Системаи МКО бо назардошти тағйиротҳои ояндаи кишоварзӣ дар айни замон таҷассум ёбад. Ба ҷойи он, ки Системаи МКО-ро ба эътино намудани шакли нави иқтисодиёти гурӯҳи омода созем, Системаи МКО бояд тарзе омода гардад, ки он ба тамоюли дар кишвар баамаломада ва ҳам ба тағйироти бозори ҷаҳони ҷавоб дода тавонад. Дар айни замон Системаи МКО чун пештара намунаи таълими ва педагогии марказонидашудаи шӯравиро инъикос менамояд, ки мутобиқшавии барномаҳои таълими ва усулҳои таълими-методиро ба тағйирот дар бахшҳои кишоварзӣ ва иқтисоди мушкил мегардонад. Суръати сусти ислоҳоти кишоварзӣ дар Тоҷиикистон як замоне тӯл кашид, ки дар ин муддат кишвар на иқтисоди гурӯҳии шӯрави дошт ва на иқтисодиёти бозори озоди ба бонги бозори асосёфта. Дар натиҷаи ин, Системаи МКО дар ҷойи беҳамтое дармонд, ки танҳо якчанд бонги аслии иқтисоди бозоргонист, ки барномаҳои таълими ва такмили ихтисоси мутахассисонро мутобиққунони зарур аст.

Мушкилоти асоси дар дохили Системаи МКО ин набудани соҳибихтиёрист, ки барои ҳамаи ҷанбаҳои раванди таълими аз коркарди барномаҳои таълими сар карда то ба ҳуқуқи маблағгузори ва ҳамчунин барқарор намудани алоқаи зич бо бахши хусуси зарур аст, ки Системаи МКО-ро ба ҳалли мушкилоти мубрам (нофаҳмо) наздик месозад. Масалан раванди тасдиқ кардани барномаҳои таълими маънои онро дорад, ки сармоягузориҳо дар ислоҳоти барномаҳои таълими бояд бо сармоягузориҳои муҷаҳҳазсозии пойгоҳҳои модди-техникии муассисаҳо якҷоя рӯй диҳад, то ин, ки давлат барномаи таълимиро тасдиқ карда тавонад. Ба ғайр аз ин, муасисаҳои олии таълимии Системаи МКО нопурра маблағгузори мегарданд ва бо норасоии захираҳо талош меварзанд, ки ба як донор дар танҳои гузаронидани ислоҳот бе кушишҳои ҳамоҳангаштаи донорҳои дигар ғайриимкон аст. Дар айни замон Системаи МКО имкони ба худ кашидани сармояи калон барои ислоҳотро надорад. Набудани маблағгузори ва пойгоҳҳои захирави барои донишгоҳҳо, коллеҷҳо ва омӯзишгоҳҳои касби-техники мушкилоти асоси маҳсуб мегардад. Ин ба он оварда мерасонад, ки сатҳи имрӯзаи захираҳо дар Системаи МКО қолиберо тасдиқ менамояд, ки маълумоти кишоварзӣ ба касбҳое мебарад, ки коргарон бо музди меҳнати паст дар майдонҳо кор мекунанд. Яке аз нишондиҳандаҳои аз ҳама

рӯшани бенигоҳубин будан он далел буд, ки дар китобхонаи яке аз коллеҷҳо китобҳои зиёди кӯҳнаи шӯрави бо забони руси буданд, дар ҳоле, ки 20%-и донишҷӯёни имрӯзаи коллеҷ бо забони руси гап мезананд. Дар ҳамин аҳвол омӯзишгоҳҳои касби-техники қарор доранд, ки пойгоҳи сусти техники ва маводи таълимии ба воқеият мутобиқ доранд.

Мушкилоти дигар дар Системаи МКО дар фарқият аз таҷрибаҳои пештараи омодасозии донишҷӯён ин набудан ва ё таҷрибаи хурд дар таълими экстеншн ба донишҷӯён аст. Дар ҳақиқат бахши хусуси эҳсос менамояд, ки барои онҳо аз ҷониби худашон таъмин намудани хизматрасониҳо дар экстеншн ва пешниҳоди курсҳои кӯтоҳмуддати омӯзиши ба хоҷагидорон нисбат ба ҳамкори намудан ва бо муассисаҳои олии таълимии Системаи МКО ба роҳ мондани омӯзиш муфидтар аст. Бо вуҷуди ин, барномаи таълими барои омодасозии мутахассисон аз экстеншн айни ҳол бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида истодааст, ки дар ДАТ ҷойгир хоҳад шуд. Шабеҳи ҳамин манзара донорҳои байналмилали ва лоиҳаҳо низ ягон нақши муассисаҳои олии таълимии Системаи МКО-ро дар омодасозии истеҳсолкунандагон ба воситаи экстеншн ё курсҳои кӯтоҳмуддат намебинанд. Ин муносибат аз он бармеояд, ки Системаи МКО ба рушди иқтидор дар соҳаи омодасози, ки аз ҷониби лоиҳаҳои зиёди донорҳо маблағгузоринамуда, ҷалб нагардидааст. Ба ғайр аз он, Системаи МКО таҷрибаи ҳамкории зич бо бахши хусусиро надорад ва таърихан ба тадриси назария ба донишҷӯён ва гузаронидани татқиқотҳое, ки назарияро ба пеш мебурданд, мавриди диққат қарор додаанд. Татқиқотҳои илмии амалии ба талаботи бахши хусуси ҷавобгӯ як қисмати таърихи рушди Системаи МКО маҳсуб намегардад.

Системаи маълумоти оли бо як қатор вазифаҳои беруна рӯ ба рӯ мегардад, ки қобилияти Системаи МКО-ро дар интихоби донишҷӯён ва ба талаботи бахши хусуси ҷавобгӯ будан маҳдуд менамоянд. Аксарияти намояндагони соҳибмаърифати мардуми тоҷик кишоварзӣро ба ҳайси касбӣ фаъол намебинанд ва онҳое, ки маълумоти кишоварзӣ мегиранд барои кор ба кишоварзӣ намераванд. Чун аксарияти донишҷӯён дар муассисаҳои олии таълимии калидии кишоварзӣ идрорпулии давлати мегиранд, онҳо баъди хатми муассисаи олии таълими барои қабули кори музди маошаш паст тибқи роҳхат уҳдадоранд, ки ин шояд рағбати хоси онҳо ё ҳадафҳои маснадиашонро инъикос наменамояд. Ин эҳсос воқеият аст ва бояд бознигари шавад, агар муассисаҳои олии таълимии Системаи МКО мехоҳанд донишҷӯёни дорои сифатҳои баланди таълимиро қабул кунанд. Монеъ шудан ба ин навъи тағйирот он далеле маҳсуб мегардад, ки робита миёни Системаи МКО ва бахши хусуси барқарор нагардидааст. Дар айни замон Системаи МКО барномаҳои таълимии рушди мутахассисонро дар самтҳои гуногуни вазоратҳои ҷумҳури мегирад, ки услуби пештараи системаи шӯравиро ба хотир меорад. Барои он, ки Системаи МКО дар системаи бозори кишоварзӣ бозингари муносиб гардад,

барқарор намудани робитаи байни Системаи МКО ва бахши хусуси зарур аст, дар он ҳолат соҳибихтиёрии муассисаҳои олии таълимии кишоварзӣ тавсеа меёбад.

Ҳадафи дуюм доир ба рушди иқтидори бахши хусуси барои кирои мутахассисони кишоварзӣ дар он ифода мегардад, ки ислоҳоти кишоварзӣ идома дорад ва то ҳол анҷом наёфтааст. Тамоми замин дар Тоҷикистон то ҳанӯз ба давлат тааллуқ дошта, давлат ба деҳқонон ҳуқуқи заминистифодабари медиҳад, ки таҳвили замин аз як истеҳсолкунанда ба истеҳсолкунандаи дигар осон набуда, навовари ва мутобиққунонии хоҷагиҳои деҳқониро маҳдуд менамояд. Ба бахши хусуси ҳамчунин ёфтани мутахассисони баландихтисосе, ки баъди барҳам хӯрдани системаи шӯрави маълумот гирифтаанд, душвор аст. Системаи МКО хатмкунандагони дорои дониш ва малакаҳои муносибро барои кор дар хоҷагиҳои хурди деҳқони ва иқтисоди бозаргони ба таври одди ба роҳ намемонад. Дар якчанд вохӯриҳо чи намояндагони бахши хусуси ва чи намояндагони Системаи МКО иқрор намуданд, ки шабакаҳои истеҳсолии маҳсулоти хоҷагиҳои давлати асосан қисмати истеҳсолиро дар бар мегиранд, дар ҳоле, ки коркард ва фурӯш ҳоло рушд накардааст. Бахши хусуси тамоми кушишро ба харҷ медиҳад, ки ба пурраги ба бозорҳои ҷаҳони дохил гардад, аммо ин раванд бинобар муҳити соҳибкори дар кишвар, ки ташкилотҳои хусуси ба пурраги дастгири намеёбанд, ҳамчунин аз иқтидори мавҷудаи мутахассисони бемалака зарар мебинанд, мураккаб гардидааст. Бар замми ин, бесуботии минтақа роҳҳои муҳими савдоиро ба бозорҳои калон банд менамояд ё ба таъхир оварда мерасонад, ки ба самаранокии содирот таъсир мерасонад. Ҳам Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳам бахши хусуси таҷрибаи кофии кори доир ба бурдани музокирот ва кор бо бозорҳои ҷаҳониро надоранд, ва ҳамчунин доир ба талаботи бозори беруна маълумоти пурра надоранд, ки ба он ҳалқаҳои истеҳсолии фурӯши маҳсулоти ба содирот пешбинишуда ва молҳоро равона намояд.

## 4.3 Имкониятҳои Системаи МКО

Дар Системаи МКО якчанд имкониятҳо мавҷуд аст, ки дар онҳо ислоҳот ва сармоягузориҳоро сохтан мумкин аст. Рушди бахши хусусии кишоварзии кишвар идома меёбад ва манбаи шуғли мутахассисони кишоварзӣ бо савияи дониш ва малакаҳои гуногун мегардад. Аксарияти гуфтугӯҳо доир ба содироти маҳсулоти кишоварзӣ ба тавсеаи иҷозати вуруди маҳсулоти тоҷики ба бозорҳои фурӯши Россия бахшида шуда буданд. Истеъмолкунандагони Россия сифати маҳсулоти кишоварзии дар Тоҷикистон парваришшударо медонанд. Ба ғайр аз ин, шароити мусоиди кишоварзӣву иқлими ба маҳсулоти тоҷик имконият медиҳад, ки дар муқоиса ба дигар ҳамсоякишварҳо дар бозор дар ҷойи аввал бошад. Бартарии

ҷамъияти бузурге, ки аз Россия ба Тоҷикистон бар мегардад, дар он зуҳур мегардад, ки ин одамон ба низомҳои гуногун дучор шудаанд ва дар хориҷа кор карда донишу малакаи нав гирифтаанд. Ҷамъияти баргаштаистода иқтидори боиси рушди бахши хусуси гаштанро дорад. Боиси дигар бо рағбати беандозаи сармоягузорони минтақави ва байналмилали дар сохтани корхонаҳои нави саноати кишоварзӣ дар Тоҷикистон, бо шумули фабрикаи бофандаги дар ноҳияи Данғара, ва ҳамчунин ба роҳ мондани савдо дар асоси манфиати мутақобила ва сертификатсияи маҳсулоти табии парваришшуда барои таҳвил ба бозорҳои аврупо алоқаманд аст. Дар хотима агар илоҳоти кишоварзӣ дар Тоҷикистон идома дода шавад, механизми бозор ва бонгҳои нарх ба кишвар ворид мегарданд ва хоҷагидорон метавонанд ба ин бонгҳо ҷавоб диҳанд.

Имкониятҳо ҳамчунин дар омодасозии омӯзгорон ва донишҷӯёни калиди мавҷуд аст, ки метавонанд иқтидори ақлониро дар кӯтоҳтарин муддат беҳтар созанд ва ҳамчунин ба рушди захираи институтсионалии дарозмуддат мусоидат намоянд.Дар Системаи МКО намояндагоне ҳастанд, ки ба тағйиротҳо омодаанд. Ин одамонро метавон ба воситаи барномаҳои омӯзиши ва усулҳои муосири таълими дубора таълим дод, ки дар такмили дониш ва малакаҳо барои ҳалли мушкилот ва тафаккури таҳлили кумак мерасонад. Ин барномаи омӯзиши метавонад иқтидори ақлонии мутахассисонро такмил диҳад, ки дар оянда вақте захираи институтсионали рушд хоҳад кард, ин одамон метавонанд дар Системаи МКО барои рушди системаи омӯзиши ҷой ёбанд ва дар пешбурди ҳалли масоили таҳҷои мусоидат намоянд. Ҳамчунин имконияти барқарор намудани робитаи Системаи МКО бо бахши хусуси тавассути гузаронидани таҷрибаомӯзии донишҷӯён дар корхонаҳои бахши хусуси мавҷуд аст, ки донишҷӯён таҷрибаи воқеи мегиранд ва дар татбиқи таҷрибаи худ дар барномаҳои таълими кӯмак мерасонанд. Илова бар ин, бахши хусуси мутахассисони наверо талаб менамояд, ки бо технологияи муосири истеҳсолот ва коркард кор карда тавонанд. Аксарияти намояндагони бахши хусуси ба кор гирифтани хатмкунандагони коллеҷҳоро афзал мешуморанд, чун онҳо розиянд дар деҳот кор кунанд ва ҳамчунин бевосита бо хоҷагиҳои деҳқони кор кунанд.

Имкониятҳои асосии беруна барои рушди Системаи МКО дар Тоҷикистон аз ҷониби ҷомеаи байналмилалии донорҳо ва бозори ҷаҳони бар меоянд. Донорҳои байналмилали сармояи худ ва ислоҳотро дар якчанд соли наздик ба рушди маълумоти оли ва ибтидоии касбии миёнаи техники равона мекунанд (ин лоиҳаҳо дар Замимаи 2 номбар гардидаанд). Донорҳои байналмилали ба тағйир додани сохтори идора ва маблағгузории муассисаҳои таълими ва ҳамчунин ба тағйироти барномаҳои таълими ва пойгоҳҳои модди-техникии муассисаҳои таълими мароқ доранд. Ин тағйиротҳо ба рушди ақлонии иқтидор дар Системаи МКО кӯмак менамоянд, Системаи МКО-ро нисбатан гиро ва бо бахши хусуси алоқаманд

менамояд. Бархе аз донорҳои байналмилали ба рушди маълумоти ибтидоии касби-техникии миёна (яъне ОКТ-омӯзишгоҳи касби-техники) рағбат доранд ва омодаанд барои нисбатан мубрам гаштани онҳо барои рушди захираҳои меҳнати кӯмак намоянд. Ҳамчунин донорҳои байналмилали дар рушди экстеншн ва хизматрасониҳои машварати мароқ зоҳир намудаанд. Аксарияти шӯъбаҳои Системаи МКО дар рушди хизматрасониҳои экстеншн рағбат доранд. Вобаста ба афзуншавии шумораи хоҷагиҳои деҳқони ва гуногунрангии зироатҳои дар қитъаҳои калони замин киштшаванда, талабот ба хизматрасониҳои экстеншн ва хизматрасониҳои машварати мавҷуд аст. Лоиҳаҳои гуногуни донорҳои байналмилали ва бахши хусуси нақшаи таъсиси системаи пулаки ва ройгони (ёрии модди додашуда) экстеншн ва хизматрасонии машваратиро дар Тоҷикистон таҳия менамоянд.

## 5. Таҷрибаҳои хуби рушди Системаи МКО дар Тоҷикистон

Дар ин боб мо мулоҳиза оид ба таҷрибаи пешқадам дар рушди Системаи МКО-ро пешниҳод менамоем, ки метавонад ба матни кунунии Тоҷикистон алоқаманд бошад. Лоиҳаи InnovATE дар доираи рушди захираҳои меҳнати бо мақсади таҳкими иқтидори Системаи МКО фаъолият менамояд. Рушди бозори кишоварзӣи меҳнат чун қоида ба воситаи аз се як намуна ҳал мегардад. Ҳар як аз ин намунаҳо метавонад ба беҳтаршавии ҳамоҳангии байни бозори меҳнат ва мутахассисони коргар оварда расонад, бо вуҷуди ин, дар чунин ҳолатҳо аз мадди назар дур мондани нақши Системаи МКО осон аст. Расми 4 се намунаро пешниҳод менамояд – дар аввал рушди иқтисоди, ё дар аввал таъсиси ҷойҳои кори, ё дар аввал рушди мутахассисон. Дар ин боб мо якчанд тариқро пешниҳод менамоем, ки Системаи МКО чи гуна беҳтар аз ҳама барои дастгири ва рушди мутахассисон барои кишоварзӣ дар ҳар як аз се намуна метавонад истифода шавад.

**Расми 4. Се намунаи умумии рушди мутахассисон барои иқтисодиёт**




*FHI360 (2014): Лоиҳа доир ба пайвастани рушди мутахассисони коргар*

Намунаи аввали рушди иқтисодиёт намунаи рушди бахши хусуси мебошад. Дар ин ҷода Ҳукумат муҳити созгор ва сиёсати нумӯи иқтисодиро фароҳам меорад ва дар рушди бахши хусуси сармоягузори менамояд, ки баъдан талаботи нав ба мутахассисони ихтисосманд таъсис медиҳад. Дар ин намуна Системаи МКО бо омода намудани мутахассисони баландихтисос, ки ба бахши хусуси заруранд, дар охири ин раванд қарор мегирад. Дар ин намуна муассисаҳои таълимиро зарур мегардад, ки дар ҳама сатҳи системаи маълумот бояд дар ҳолати зуд тағйир додани барномаҳои таълимии худ бошанд, барномаҳои нави таълимиро илова намоянд, омодасозии мутахассисонро тибқи ҷадвал таъмин намоянд, ки барои дастгирии бахши хусуси равона мегарданд. Намунаи таъсиси ҷойҳои кори рушди мутахассисонро ба воситаи пешбурди иқтидори аҳолии мавҷуда пеш мегузарад. Ин роҳ аз муайнсозии қадамҳои мантиқие оғоз мегардад, ки бахшҳои калидии айни ҳол дар иқтисодиёт фаъолиятдоштаро тавсеа хоҳад дод. Баъд аз он, ки сатҳи навбатии донишу малака муайян гардид, сармоягузории бахши хусуси дар таъсиси ҷойҳои кори ва сармоягузории бахши давлати дар соҳаи маълумот ва омодасози барои тайёр намудани мутахассисони баландихтисос пайваст карда мешаванд. Ҳадафи ин намуна дар он аст, ки ба он омода намудани мутахассисони таълимдида то ба давраи талабот аз ҷониби бахши хусуси зарур мегардад. Ин низом Системаи МКО-ро тақозо менамояд, ки бо бахши хусуси дар ҳамкории зич кор кунанд ва имконияти тағйир додани барнома ва курсҳои омӯзиширо дар ҳамоҳанги бо бахши хусуси дошта бошад. Намунаи рушди мутахассисон ба он ғоя асос ёфтааст, ки бахши хусуси омода аст он соҳаеро сармоягузори намояд, ки онҷо мутахассисони

таълимдида ҳастанд. Ин намуна оҷонсии пурқуввати марказиеро тақозо менамояд, ки пешгӯии талабот ба дониш ва малакаро аниқ муайян карда метавонад ва ҳамчунин метавонад омодасозии мутахассисонро аз рӯйи ин пешгӯиҳо ба анҷом расонад. Дар ин ҳолат бахши хусуси маблағҳои худро барои рушди он бахшҳое сармоягузори хоҳад кард, ки барои онҳо мутахассисони омодагардида аллакай мавҷуданд. Ин намуна онро ифода менамояд, ки Системаи МКО ба талаботҳои ин оҷонсии маркази дақиқан ҷавоб хоҳад дод.

Новобаста аз се намунаи рушди иқтидори мутахассисон, дастгири намудани рушди захираи инсони ва институтсионали дар Системаи МКО ҳамчун як ҷузъи ин ҷараён зарур мегардад. Дар матни барномасози аз ҷониби USAID, рушди захираи инсони ва институтсионали дар худ мафҳуми зеринро дорад: "раванди сохтори ва маҷмӯие, ки барои муайянсозии сабабҳои асоси ва норасоиҳо дар фаъолияти ташкилотҳо-шарикон дар кишвари қабулкунанда, барои рафъи ин норасоиҳо ба воситаи доираи васеи самараноки дар матни ҳамаи омилҳои коршоямии инсон; ва ҳамчунин барои равандҳои даврии баҳодиҳии мунтазам ва беҳтарсозии маҳсулноки бо роҳи таъсиси системаи мушоҳида ва баҳодиҳи таъин гардидааст" (USAID, 2010: 7). Қайд кардан зарур аст, ки Системаи МКО раванди баландбардории самаранокии кори худро барои беҳтарсозии системаи кишоварзӣ дар Тоҷикистон оғоз менамояд. Татбиқи ин усул дар Тоҷикистон бояд дар навбати аввал бо назардошти шароит ва матни маҳал, ва ҳамчунин муайян намудани шахсиятҳои калиди дар Системаи МКО ва бо истифодаи усули намуна ба таҳияи барномаҳои таълими тамоил дошта бошад, ки метавонанд гиро бимонанд ва ба тағйирот дар талабот эътино намоянд.

Барномаҳои омӯзиши доир ба рушди захираҳои инсони ва институтсионали ҳамон вақт беҳтар амали мегарданд, ки вақте тамоми саъӣ ва кушиш ба ҳалли масоили таҳҷои нигаронида шудааст ва дар муҳити маҳалли гузаронида мешавад. Барномаҳои омӯзиши дар кишварҳо ва ё дур аз муҳити маҳал низ метавонанд муваффақ бошанд, ва бо пешниҳоди коромӯзи ба донишҷӯёну омӯзгорон дар дигар кишварҳо хусусиятҳои калидии кушишҳои зиёди донорҳои байналмилали дар гузашта дар Тоҷикистон маҳсуб мегардад. Бо вуҷуди ин, андешаи нав оид ба бартарии гузаронидани барномаҳо дар муҳити маҳал пайдо гардид, ки ба амалисози ва мутобиқунонии барномаҳои омӯзиши ба шароитҳои маҳал ва ҳамчунин таъсис додани платформаи институтсионалие, ки фаъолияти худро баъди маблағгузории донорҳо идома медиҳад, кӯмак мерасонад. Барномаҳои омӯзиши дар ин соҳа бояд дар навбати аввал ба шахсиятҳои калиди нигаронида шуда бошанд, ки ҳамеша ба ғояҳои тағйирот омодаанд. На ҳамаи намояндагони Системаи МКО дар Тоҷикистон метавонанд ғояи рушди захираҳои инсони ва институтсионалиро хуш пазиранд, ва на ҳама метавонанд фаҳмиши зарурати кадом ислоҳот дар системаи маълумот гузарониданро сарфаҳм меравaнд. Чун

Системаи МКО дар маҷмӯъ ба рушди захираҳои инсони ва институтсионали даст надошт, хуб мебуд агар барномаҳои омӯзиширо бо қисмати пешрафтаи омӯзгорон ва роҳбарият оғоз намоем, то ки ба онҳо дар азхуд кардани дониш ва малакаи ҳалли масоил ва кор бо мардум кӯмак намоем. Баъд аз он, ки ғояҳои рушди захираҳои инсони ва институтсионали ба шахсиятҳои калиди манзур гардид, дар навбати худ онҳо метавонанд ин ғояҳоро тадриҷан дар Системаи МКО ҷори намоянд.

Ғояи рушди захираҳои инсони ва институтсионали ҳамон вақте самарабахштар мегардад, ки агар он ба хостаҳои маҳали эътино намояд ва ба шароити маҳал мутобиқ гардад. Ба ғайр аз ин ғояи ин рушд ҳамон вақте натиҷаҳои муваффақона дод, ки барномаҳои омӯзиши барои мувофиқкунонии масоили маҳали ба қадри кофи гиро буданд. Усули намунавии таълим, омодагиҳо ва ислоҳот ҳадафи ниҳоии ҷалби иштирокчиёни барномаҳои омӯзиширо доир ба рушди захираҳои инсони ва институтсионали барои муайян намудани мавзӯъҳои таълими дастгири менамояд. Ҳамин тариқ, мақомоти иҷроияи ин усул бояд имконияти эътино намудан ба талаботҳои маҳали ва таҳияи намунаҳо бошад, ки талаботи мушаххаси намояндагони маҳал ва муассисаҳои таълимии Системаи МКО-ро дар бар мегирад. Кор бо муассисаҳои таълими ва намояндагони Системаи МКО оид ба таҳияи намунаи қисматҳои барномаҳои таълими ба онҳо кӯмак менамояд, ки баҳо додани ин муносибатро барои сохтани намунаҳои гуногуни таълим оғоз намоянд. Намунасозии қисматҳои барномаи таълими ҳамон вақт самаранок аст, ки вақте Системаи МКО бо бахши хусуси ҳамкори менамояд, то ин ки он қисматҳои мушаххаси барномаи таълимиро муайян созад, ки ба талаботи бахши хусуси дар соҳаи омодасозии мутахассисон ба тарзи беҳтарин ҷавоб медиҳанд. Агар ин муносибат бо муваффақият анҷом ёбад, бахши хусуси омода мегардад, ки барои чунин барномаҳои омӯзиши маблағ пардохт намояд, ки ин ба Системаи МКО дар кушодани манбаи нави даромад кӯмак менамояд.

## 6. Тавсияҳо

Натиҷаҳои татқиқоти мазкур нишон медиҳад, ки Системаи МКО дар Тоҷикистон барои аз худ намудани сармоягузориҳои бисёрмиллиона дар рушди инфрасохтор ё таҳияи барномаҳои нави таълими омода нест, барои он, ки Системаи МКО барои аз худ кардани тамоми сармоягузориҳо захираҳои инкишофёфтаи инсони ва инстутсионали надорад. Тими innovATE аз он далел сахт мушавваш буд, ки ба Системаи кунунии МКО кам аҳамият дода мешавад ва дар доираи матни таълими ва касбии Тоҷикистон, бо доштани пойгоҳи сусти модди-техники хавфи гузаштан ба мадди охирро дорад. Ин бахусус хоси ДАТ аст, ки ягона муассисаи олии

таълимии кишоварзӣи кишвар аст ва ҳамчунин коллеҷҳои кишоварзӣи Бохтар ва Мастчоҳ. Аз даст додани сатҳи омодасозии мутахассисон дар донишгоҳҳо ва коллеҷҳои техники, ба андозаи хеле калон имкониятҳои рушд ва нумӯи кишоварзӣ дар Тоҷикистонро маҳдуд месозад, чун онҳо ягона муассисаҳои таълимиии дорои барномаҳои таълимии ба самти истеҳсолии кишоварзӣи Тоҷикистон нигаронидашуда маҳсуб мегарданд. Рушди иқтидори таълимии ДАТ, ва ҳамчунин омӯзгорону донишҷӯёни коллеҷҳо дар чанд соли наздик ба дастгирии раванди таҳкими захираи институтсионали барои таъсири мутақобила бо системаи ислоҳот дар соҳаи маориф оварда мерасонад, ки рух доданаш оғоз мегардад. Зиёд кардани захираи ДАТ, ки ҳайати омӯзгорону профессорон ва донишҷӯёнро дар бар мегирад ва аксарияташон ба бахши кишоварзӣ ба кор меравaнд, ҳамчунин ба таҳкими тағйироти куллии институтсионали кумак менамояд, ки тағйирот дар низомро бо таъкиди зарурати ислоҳоти низом дар Системаи МКО талаб менамояд.

## 6.1 Маркази рушди касбӣ кишоварзӣ дар назди ДАТ

Тими InnovATE пешниҳод менамояд, ки дар назди ДАТ Маркази аграри барои рушди маснади касби барои кишоварзӣ таъсис дода шавад, ки намунаи васеи таълим, омӯзиш ва ҳалли масоили донишҷӯён, омӯзгорон ва роҳбарияти муассисаи олии таълимиро ташкил медиҳад. Маркази аграри батадриҷ захираи донишҷӯён ва омӯзгоронро рушд хоҳад дод, то ки онҳо тавонанд ба кулли ғояҳои инноватсиониро такмил диҳанд ва барои ислоҳоти институтсионали мувофиқ кунонанд. Маркази аграри дар Системаи МКО бо шахсиятҳои калиди кор хоҳад кард. Ин хатмкунандагони марказ вакилони дохилии тағйиротҳо хоҳанд шуд, ки ислоҳоти институтсионали дар Системаи МКО-ро сабаб мегарданд. Маркази аграрӣ ба рушди захираҳои инсони ва институтсионали дар Системаи МКО дар Тоҷикистон муносибати воқеъбинона дошта, диққати асосиро дар навбати аввал ба рушди малакаҳои кор бо мардум ва дастгирии афроди дорои ғояҳои навоварона равона мекунад. Рушди захираи инсони дар айни ҳол ба мавқеи низом таъсири мусби мерасонад, ки метавонад ислоҳоти сохтори ва институтсионалиро беҳтар истифода намояд. Илова бар ин, марказ муносибати намунавиро ба омӯзиш бо роҳи маълумсозии малака ва фаҳмиши фосиладор, истифода менамояд, ки ба чорабиниҳои таълими ҷалб карда мешаванд. Дар мавриди дастгири ва сармоягузории дуруст, марказ рушди омодасозии мутахассисони кишоварзӣро ба воситаи омӯзиши хатмкунандагони оянда ва омӯзгорони ҷавон, ки насли ояндаи мутахассисони кишоварзӣи Тоҷикистонро муаррифи хоҳанд кард, тақвият медиҳад.

Ҳадафи марказ рушди захираи инсони хоҳад буд, ки барои капитализатсияи сармоягузории аз донорҳо барои ислоҳотҳои кунуни ва ояндаи институтсионали ва ислоҳоти низом ҷудошуда зарур аст. Масалан лоиҳаи Бонки Умумиҷаҳони дар системаи маълумоти оли авалан ислоҳот дар баъзе ҷанбаҳои системаи маълумоти олиро дар сатҳи вазорат бо сохтани роҳ ба раванди нисбатан гиро ва ғайримарказишудаи таҳияи барномаҳои таълими тайёр мекунад. Ин лоиҳа сипас ба василаи барномаҳои гранти татбиқи тағйироти низомро идома медиҳад, ки захираҳо барои таҳияи барномаҳои таълими ва навкунонии пойгоҳҳои модди-техникиро пешниҳод менамояд. Таълим ва таҷрибаи омӯзгорон дар марказ ба рушди захираи инсони оварда мерасонад, ки барои ба шакли нав таҷассум кардани ДАТ ва коллеҷҳои кишоварзӣ ба чунин муассисаҳои таълимие, ки рақобатпазир ва пур аз ғояҳои навоварона ва барои тағйироти институтсионали лозиманд, зарур аст. Марказ ҳамчунин ба ДАТ, коллеҷҳо ва омӯзгорони донишгоҳҳои дигар барои тавсеаи навкунии барномаҳои таълими ва курсҳое, ки ҳамчунин дар омӯзишгоҳҳои касби техники тадрис мегарданд, кӯмак хоҳад кард. Дар навбати худ эъзоми донишҷӯён ба вилоятҳо барои иштирок дар кор бо сокинони маҳали барои ҷалби сармоягузории донорҳо ба захираҳои маҳали ва ҳамчунин дар пайвастани алоқаи мутахассисони ояндаи кишоварзӣ бо хоҷагидорон кӯмак мерасонад.

## 6.2 Дигар сенарияҳо барои сармоягузории Системаи МКО

Маблағгузории маркази ниммустақили таълими дар доираи ташкилоти амалкунанда барои тақвияти захираи инсони ва гузоштани пойдевор барои таҳкими захираи институтсионали дурнамои самараноки иқтисоди маҳсуб мегардад. Ин сенария ҳамчунин усули татбиқи малакаҳои касби ва таҷриба дар системаи маълумот маҳсуб мегардад.  Омодасози, муҷаҳҳазгардони ва нигоҳ доштани марказ ба харҷи маблағ оварда мерасонад, аммо ин ягона усули сармоягузории системаи рушди маълумот барои дастгирии рушди захираҳои инсони ва институтсионали ва татбиқи таҷрибаи касби намебошад. Сармоягузории начандон калон метавонад барои зиёд намудани табъу нашри маводи таълимии ба забони тоҷики навкардашуда амали гардад. Ба донишҷӯёне, ки дар деҳот барои бо кор ҳамроҳи сокинони маҳалли ба воситаи созмонҳои ғайридавлати, ки барои чунин ҳадафҳо маблағ надоранд, майли гузаронидани таҷрибаомузии худро доранд, метавон идрорпули пешниҳод намуд. Қарзҳои хурди на чандон калони бебозгашт метавонад барои татқиқотҳои илмие ҷудо гардад, ки дар хоҷагиҳои деҳқони аз ҷониби омӯзгорони донишгоҳҳо гузаронида шавад. Натиҷаи ин корҳо метавонад дар шакли қобили қабули донишҷӯён ва хоҷагидорон нашр карда шаванд. Дигар сармоягузориҳои кӯтоҳмуддат барои дастгирии рушди захираҳои

инсони ва институтсионали навкунии технология ва тавсеаи биноҳои озмоишгоҳи дар факултаҳои гуногуни ДАТ ва коллеҷҳои кишоварзӣро дар бар мегирад.

Сармоягузориҳои дарозмуддат сайъи якҷояи донорҳо, Ҳукумати Тоҷикистон ва бахши хусусиро тақозо менамояд. Донорҳо айни ҳол асосан рушди тамоми ҳалқаи маълумотро (яъне аз мактабҳои ибтидоиву миёна сар карда, то муассисаҳои аввалияи касби-техники, яъне ОКТ) мавриди диққат қарор додаанд. Дар қисмати дигари ин давра Бонки Умумиҷаҳони ва Ҳукумати Тоҷикистон кушиш менамоянд ба қадри зарури тамоми системаи маълумоти олиро ислоҳот гузаронанд. Ин ислоҳотҳо имкониятҳои зиёдеро барои рушди захираҳои инсони ва институтсионали дар Системаи МКО бо шумули ислоҳот дар барномаҳои таълими баҳри навкунии услуби таълим, ва ҳамчунин таҳкими муносибати мутақобилаи системаи маълумот бо бахши хусуси таъмин менамоянд, то ин ки онҳо тавонанд ба талаботи бозори меҳнат беҳтар ҷавоб диҳанд. Агар дар дурнамои кутоҳмуддат Системаи МКО барои рушди захираи инсони ва пойгоҳи модди-техники иловатан сармоягузори нагардад, дар он ҳолат ин сармоягузориҳои дарозмуддат метавонанд ба низом таъсири лозима нарасонанд, ки барои гузаронидани тағйироти институтсионали дар рушди низом ва истеҳсолоти кишоварзӣ дар Тоҷикистон зарур аст.

## 7. Хулоса

Кишоварзӣ ҳанӯз ҳам бахши муҳими иқтисодиёти Тоҷикистон ва манбаи муҳими рӯзгори оилаҳои деҳоти ва таъминоти кишвар бо маводи хӯрока, бахусус дар ноҳияҳои деҳоти кишвар боқи мемонад. Новобаста аз ин, малакаҳои барои кори кишоварзӣ зарур тағйир меёбанд, чун сохтори истеҳсолоти кишоварзӣ аз тахассуси маҳдуди хоҷагиҳои калони собиқ Иттиҳоди Шӯрави ба хоҷагиҳои начандон калони диверсификатсияшудаи оилави ва тиҷоратии деҳқони оварда расонид. Системаи МКО дар айни замон бо пойгоҳи модди-техникии муносиб ва нерӯи инсони муҷаҳҳаз нест, то ки талабот ба донишҳои муосир ва малака дар бахши кишоварзӣро қонеъ гардонад, аз ҷумла бинобар сатҳи пасти сармоягузории маълумоти кишоварзӣ баъди пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯрави. Новобаста аз ин, якчанд имкониятҳо барои дастгирии сармоягузории экспертии иловагии молияви аз ҷониби Ҳукумати Тоҷикистон, ҷомеаи байналмилалии донорҳо ва бахши хусуси бо мақсади таъсиси иқтидор дар Системаи МКО вуҷуд дорад.

Бо такя ба натиҷаҳои татқиқот доир ба норасоии дониш ва омодасозии мутахассисон ва ҳамчунин иқтидори кунунии Системаи МКО мутобиқшави ба қонеъгардонии ин норасоиҳо, татқиқоти мазкур хулоса менамояд, ки роҳи

нисбатан воқеии тавсеаи иқтидори Системаи МКО сармоягузори дар рушди захираҳои инсонист. Рушди захираи инсонии донишҷӯён, омӯзгорон ва роҳбарият ба василаи таълими кӯтоҳмуддат, азнавтайёркуни ва ташкили маводи таълимии навкардашуда барои ноилшудан ба натиҷаҳои кӯтоҳмуддат ё дарозмуддат ёри мерасонад. Дар дурнамои кутоҳмуддат донишҷӯён ва омӯзгорони роғиби нававарӣ ва тағйиротҳо бо донишҳои зарурии барои беҳтарсозии кишоварзӣ дар Тоҷикистон таҷҳиз карда мешаванд. Дар дурнамои дарозмуддат, рушди ин захираи инсонии Системаи МКО ба таъсиси намояндагони дар муассисаҳои таълими фаъолиятдошта оварда мерасонад, ки иқтидори муоина кардани мушкилоти таҳҷоии пайдошавандаро доранд.  Ҳамин ки ҷомеаи байналмилалии донорҳо тамоми диққати худро ба самаранокии системаи маориф равона карданд, дар Системаи МКО имконият барои рушди оянда зуҳур менамояд. Сармоягузориҳо дар рушди захираи инсонии Системаи МКО муассисаҳои таълимиро омода месозад, то ба пурраги барномаҳо ва сармоягузориҳоро истифода намоянд.

## Фехристи адабиёт


Coulibaly, S. (2012). *Shifting comparative advantages in Tajikistan: Implications for growth strategy.* Policy Research Working Paper, No. 6125. Poverty Reduction and Economic Management Unit. Washington, D.C.: World Bank.

DIVA-GIS. (2014). Country level data. *Free spatial data.* DIVA-GIS. Retrieved from http://diva-gis.org/gdata.

Eurasian Development Bank. (2013). *Economic impact of Tajikistan's accession to the Customs Union and Single Economic Space.* Centre for Integration Studies. St. Petersburg: Eurasian Development Bank.

Feed the Future. (2012*). Tajikistan: FY 2011-2015 multi-year strategy.* Washington, D.C.: United States Agency for International Development.

Fernandez-Stark, K., Bamber, P., and Gereffi, G. (2011). The fruit and vegetables global value chain: Economic upgrading and workforce development. Duke Center on Globalization, Governance, & Competitiveness. Retrieved from: http://www.cggc.duke.edu/pdfs/2011-11-10_CGGC_Fruit-and-Vegetables-Global-Value-Chain.pdf.

FHI 360. (2014). *Education and workforce development expertise.* Washington, D.C.: FHI 360.

GOTJ. (2012). *National strategy of education development of the republic of Tajikistan till 2020.* Decree of the Government. Dushanbe: Government of Tajikistan.

Mukhamedova, N., and Wegerich, K. (2014). *Land reforms and feminization of agricultural labor in Sughd Province, Tajikistan.* IWMI Research Report No. 157. Colombo, Sri Lanka: International Water Management Institute.

Shtalovna, A. (2013). *Knowledge gaps and rural development in Tajikistan; Agricultural advisory services as a panacea?* ZEF Working Paper, No. 117. Bonn: University of Bonn.

TAJSTAT. (2012). Real sector. *Analytical Tables.* Republic of Tajikistan. Retrieved from http://stat.tj/en/analytical-tables/real-sector/.

USAID. (2010). *Human and institutional capacity development handbook.* Washington, D.C.: United States Agency for International Development.

World Bank. (2014a). *Republic of Tajikistan: Higher education sector study.* Report no. ACS 10383. Washington, D.C.: The World Bank.

World Bank. (2014b). *The skills road: Skills for employability in Tajikistan.* Washington, D.C.: The World Bank.

World Bank. (2014c). *The World Bank Group-Tajikistan partnership program snapshot.* Washington, D.C.: The World Bank

## Замимаи 1: Ҷадвали  сафарҳо то маҳали воқеи

| Сана | Вохӯриҳо | Макон |
|---|---|---|
| Шанбе – Якш.<br>7-8 феврал | Сафар ба Душанбе | Душанбе |
| Душанбе,<br>9 феврал | Брифинг дар намояндагии USAID<br>Брифинг дар Вазорати маориф ва илми Тоҷикистон | Душанбе |
| Сешанбе,<br>10 феврал | Бонки умумиҷаҳони<br>Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон | Душанбе |
| Чоршанбе,<br>11 феврал | Донишгоҳи технологии Тоҷикистон<br>Бонки умумиҷаҳонӣ.<br>Академияи илмҳои кишоварзӣи Тоҷикистон | Душанбе |
| Панҷшанбе,<br>12феврал | Лоиҳаи FAST (хизмати машварати барои хонаводаҳо ва хоҷагиҳои хурди деҳқонӣ дар Тоҷикистон)<br>Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон<br>Маркази милли оид ба омӯзиши кишоварзӣ | Душанбе |
| Ҷумъа,<br>13 феврал | Вохури дар Сароб<br>Иттиҳодияи соҳибкорони кишоварзӣи Тоҷикистон<br>Иттиҳодияи миллии хоҷагиҳои деҳқони | Душанбе |
| Шан. 14 февр. | Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон | Душанбе |
| Якш. 15 февр. | Ҷамъбасти ҳафта | Душанбе |
| Душанбе,<br>16 феврал | Сафар ба шаҳри Қӯрғонтеппа<br>Коллеҷи кишоварзӣи ноҳияи Бохтар<br>ТҒД «НуриХатлон»<br>Литсеи касби-техникӣ | Қӯрғонтеппа |
| Сешанбе,<br>17 феврал | Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа<br>Сафар ба шаҳри Кӯлоб | Қӯрғонтеппа |
| Чоршанбе,<br>18 феврал | Лоиҳаи “Дастгирии Хатлон” (МФСР)<br>Маркази омӯзиши кишоварзӣ ва маслиҳатҳои машварати<br>Донишгоҳи технологии Тоҷикистон<br>Ширкат оид ба коркарди маҳсулоти кишоварзӣ | Кӯлоб |
| Панҷшанбе,<br>19 феврал | Донишгоҳи давлатии  Данғара<br>Сафар ба шаҳри Душанбе<br>Ҳайати Иттиҳоди Аврупо | Данғара-<br>Душанбе |
| Ҷумъа,<br>20 феврал | FAO (ФАО)<br>Намояндагони GIZ<br>Намояндагони JICA | Душанбе |
| Шанбе,<br>21 феврал | Кор бо ҳисоботҳо | |
| Якшанбе,<br>22 феврал | Сафар ба шаҳри Хуҷанд | Хуҷанд |
| Душанбе,<br>23 феврал | Донишгоҳи Технологии Тоҷикистон | Хуҷанд |
| Сешанбе,<br>24 Феврал | Донишкадаи политехникии Тоҷикистон<br>Донишгоҳи технологи.<br>Нексикол /Суғдагросервис/<br>Коллеҷи кишоварзӣи Мастчоҳ | Хуҷанд |
| Чоршанбе,<br>25 феврал | Кор аз рӯи  ҳисоботҳо<br>Тими кишоварзӣи JICA оид ба гузаронидани пурсишҳо | Душанбе |
| Панҷшанбе,<br>26 феврал | Омодаги ба Брифинг | Душанбе |
| Ҷумъа,<br>27 феврал | Брифинги ҷамъбасти дар Вазорати маориф ва илми Тоҷикистон<br>Брифинги ҷамъбасти дар миссияи USAID | Душанбе |
| Шанбе,<br>28 феврал | Парвоз аз Душанбе | Душанбе |

## Замимаи 2: Сармоягузории донорҳо вобаста ба Системаи МКО

| Донор | Номи лоиҳа | Нақша | Буҷаи умумӣ | Фаъолияте, ки бо Низом алоқаманд аст | Сатҳи маълумот |
|---|---|---|---|---|---|
| Бонки умумиҷаҳонӣ | Лоиҳа оид ба коммерсиализатсияи кишоварзӣ | 2015-21 | $22 млн | Навкунии барномаҳо (нақшаҳои таълими) дар Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон бо назардошти талаботҳои хоҷагиҳои хурди деҳқони ва агробизнеси тиҷорати, ташкили шӯъбаи ғоибона барои хатмкунандагон ($500,000) Азнавкунии барномаҳо, пойгоҳи моддӣ дар техникумҳои Бохтар ва Мастчоҳ, ки бо тағйиротҳо дар Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон алоқамананд ($ 350,000) | Муассиса и олии таълими<br><br>Техникум |
| Бонки умумиҷаҳонӣ | Лоиҳа оид ба маълумоти олӣ | 2015-18 | $15 млн | Кор бо Вазорати маориф ва илм оид ба стандартҳои барномаҳои барои шӯъбаҳо интихобшуда ва ё барномаҳое, барои иқтисодиёти кишвар мавқеи калиди доранд<br><br>Чараён барои грантҳо барои рушди навгвариҳо ва иқтидори муассисаҳои алоҳидаи олии таълими ($8 млн) | Муассиса и олии таълими |
| Иттиҳоди Аврупо | Дар марҳалаи коркард қарор дорад | 2016-22 | €75 млн | Омӯзиши муаллимон ватакмили малакаи касбии омӯзгорон<br><br>Харидори намудани таҷҳизот барои литсейҳои алоҳида бо мақсади ташкили марказҳои таълимии минтақавӣ (1 миллион €) | Омӯзишгоҳи касби-техники |
| Бонки Осиёии Рушд | Мустаҳкам намудани иштироки бахши хусуси дар соҳаи коллеҷҳои техники ва омӯзишгоҳҳои касби-техники | 2016-20 | $20 млн | Азнав намудани 17 ихтисос (аз ҷумла қисме аз онҳо дар соҳаи кишоварзӣ) дар 21литсей, бо шумули пойгоҳи техники, омӯзонидани муаллимон, барномаҳои таълимӣ | Омӯзишгоҳи касби-техники |
| FAO/ ФАО | Мустаҳкам намудани маълумоти ветеринари барои хизматрасонии хоҷагидорон ва аҳоли | 2013-15 | $406 000 | Даъвати мушовирони байналмилали барои таҳияи тавсияҳо ба барномаи ветеринари дар Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон (дар муҳокима аст) | Муассиса и олии таълими |
| FAO/ ФАО | Омодаги ба лоиҳа доир ба коммерсиализатсияи кишоварзӣ | 2015 | $535 000 | Мусоидат ба лоиҳаи Бонки Умумиҷаҳони барои таҳлили ҳалқаҳои истеҳсолоти кишоварзӣ ва хизматрасонии экстеншн бахри | Муассиса и олии таълими |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | дастгирии рушди барномаи таълими | |
| GIZ | Маълумоти касбӣ ва омӯзиш дар Осиёи Миёна | 2010-18 | €20 млн | Такмили барномаҳои таълимӣ, таъминот бо таҷҳизот, омӯзиши муаллимон барои коркарди хӯрокворӣ дар Донишгоҳи технологии Тоҷикистон | Муассиса и олии таълими |
| IFAD | Лоиҳаи дастгирии Хатлон | 2008-15 | $15 млн | Машварат бо Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон  оид ба инкишофи илм доир ба навъҳои чарогоҳии алаф ва таъмири озмоишгоҳ дар Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон<br><br>Таъсиси шӯъба барои донишҷӯён бо ихтисоси алафҳои чарогоҳи дар ДАТ (гурӯҳи аввал таҳсилро с.2013 оғоз намуд) – барои таҳияи барномаи таълими маблағ пешбини нагардидааст. | Муассиса и олии таълими |